ИБОДУЛЛОҲИ СОЛЕҲ

САД ҒАЗАЛ ВА САД ДУБАЙТӢ

ДУШАНБЕ
2021

ББК 84 тоҷик 7-5
С –

Ибодуллоҳи Солеҳ. Сад ғазал ва сад дубайтӣ**. –** Душанбе, 2020. – 248 саҳ.

«Сад ғазалу сад дубайтӣ» маҷмӯаи шеърҳои Ибодуллоҳи Солеҳ буда, муаллиф дар он шеърҳои тозаэҷоди хешро ҷой додааст. Инчунин, бисёр шеърҳои қаблан эҷоднамудаи шоир дар таҳриру иловаҳои нав ба маҷмӯа дохил карда шудааст.

© Ибодуллоҳи Солеҳ, 2020

ТОҶИКИСТОНИ МАН

Кам мабин, эй чашми камбин, Тоҷикистони маро,
Ҳам Зарафшону Бадахшон, Рашту Хатлони маро.

Решаи пайванди миллат реша дар ҷони ман аст,
Аз дили решам макан ту решаи ҷони маро.

Орзуҳоям ба сомон мерасад аз ваҳдаташ,
Бесарусомон магӯ ту насли Сомони маро.

Кам мабин, эй чашми камбин, чашмаи меҳри дилам,
Чашмаҳои хун макун ҳар дам ту чашмони маро.

Тоҷикистони маро кӯчак магӯ, кӯчитабор,
Мебарӣ то мулки афғон оҳу афғони маро?

Гар ту хонӣ хонаи дил Тоҷикистони маро,
Хонаи худ хон ҳамеша хонаву хони маро.

ЧАШМИ МАСТ

То зи чашми масти ту лутфи назар бошад маро,
Не дигар парвои динору на зар бошад маро.

Аз ҳама суду зиёни худ ҳамесозам гузар,
Бар сари кӯят агар роҳи гузар бошад маро.

Гар маро дар мардуми чашми ту ҷо бошад даме,
Кай зи чашми мардуми бадгӯ ҳазар бошад маро?

Кош ошиқ мешудам бори дигар, бори дигар,
То ки андар ишқ сад умри дигар бошад маро.

Бехабар аз мо равӣ, аз мо намегирӣ хабар,
Кай дигар аз оламу одам хабар бошад маро?

Дар замини ҳастиям нахли сухан мепарварам,
Андар ин ҳастӣ, яқин, фикри самар бошад маро.

Аз камони қоматат, Ҳоҷӣ, ба пирӣ ларза чист?
Аз камони абруе оё хатар бошад маро.

ДАРДИ ДИЛ

Дар дилу ҷонам маро дарду ғами ҷонона аст,
Мешавам бегона, чун майлат ба ҳар бегона аст.

Мешавад шодӣ гаҳе меҳмони қалби зори ман,
Ғусса умре дар дилам аммо чу соҳибхона аст.

Хонаи ободи дил аз ҷабри ту вайрон бишуд,
Кай ту ойӣ хонае, ки номи он вайрона аст?

Бо ту гӯям дарди худро, чашми худ пӯшӣ зи ман,
Қиссаи дарди дилам гӯё туро афсона аст.

То ба кай аз оташи ишқи ту сӯзам, бевафо?
Ҳар киро аз сӯхтан парво нашуд, парвона аст.

Шавқи парвозе надорӣ, аз қафас берун машав!
Мурғи захмиро чӣ фарқе дар қафас ё лона аст?

Ҳар куҷо санге занад девонаро фарзонае,
Ҳар кӣ санге мезанад, Ҳоҷӣ, туро, девона аст.

МАШҚИ ТАЗМИН

Навбаҳор омад, набинам рӯи гулгуни туро,
Чун бинолам пеши ғайре ҷабри афзуни туро?

Мекунам нохуни худ аз ранги хуни худ нигор,
Ҳар гаҳе ёде кунам лабҳои майгуни туро.

Ҳусну қубҳи хешро пинҳон кунам аз чашми ту,
Мекунам тазмини машқе ҳарфи мавзуни туро.

Нардбоне аз хирад хоҳам ба боми осмон,
То, ки хонам он «баландиҳои мазмуни туро».

Ақлу ҳушамро барӣ то олами афсонаҳо,
Соҳире асло надонад сеҳри афсуни туро.

Мефиребӣ Ҳоҷиро бо хандаи мастонае,
Гарчи мегӯӣ: бидонам ҳоли маҳзуни туро.

ТАҚВИМИ КУҲАН

То зи дай гардам раҳо, ҳусни баҳорам рафтааст,
Ҳамчу тақвими куҳан ҳам эътиборам рафтааст.

То нигори шӯхшанги беқарорам омадӣ,
Тоқату сабру қарору ихтиёрам рафтааст.

Ҳар нафас оҳе кашам аз ҳаҷри рӯи ҳамнафас.
То барорам як нафас, авҷу барорам рафтааст.

Аз ғами суду зиёни худ даме ҷӯям канор,
Ҷаннатулмаъвоканоре аз канорам рафтааст.

Дасту бозуро зи хуни худ нигорӣ мекунам,
Лолагунчеҳранигори ғамгусорам рафтаст.

Бодаи лабҳои майгуне ба ёд ояд маро,
Майпарастӣ чун кунам, кайфи хуморам рафтааст?

Аз мадори гирудори зиндагӣ оям бурун,
Гар мадоро мекунам, ёрон, мадорам рафтааст.

ШОИРИ СОҲИБДИЛ

(Ба Бедили Деҳлавӣ)

Агар дар сина дил мушти гиле нест,
Чу Бедил шоири соҳибдиле нест.

Фалак шуд сарҳади шеъри баландаш,
Чу баҳри назми ӯро соҳиле нест.

Писандам шеваи мушкилписандаш,
Чу ӯ мушкилкушои мушкиле нест.

Чароғи маърифат «Ирфон»-и ӯ шуд,
Ки бе нураш мунаввар манзиле нест.

«Тилисми ҳайрат»-аш ҳайрат фузуда,
Ки бе ӯ гарм базму маҳфиле нест.

Зи дарди «Чор унсур» чорае ҷӯ,
Ҷаҳони одамиро ҳосиле нест.

Ҳама аҳли Аҷам дилдори бедил,
Вале дилдортар чун Бедиле нест.

ҲАРФИ НОТАМОМ

Ҳама кори фалак хуб асту том аст,
Фақат айбе миёни хосу ом аст.

Хиҷолат мекашам аз кори муъмин,
Хиҷолат додани муъмин ҳаром аст.

Чӣ нозӣ гаҳ ба номи поки ислом?
Мусулмонӣ агар моро ба ном аст.

Заволи одамӣ ҳаст эҳтимоле,
Камоли одамӣ гар дар калом аст.

Асири шарми худ гардад ҳамеша,
Агар шоҳе ба нафси худ ғулом аст.

Низоми назм ин разм аст имрӯз,
Дар ин ҷо бенизомиҳо низом аст.

Адо шуд, Ҳоҷиё, ҳарфи дили ту,
Валекин дардҳоят нотамом аст.

ДАР ТАНҲОӢ

Ҳарзаҳои беши мо аз мастии бисёр нест,
Ё ки ман бисёр мастам, ё касе ҳушёр нест.

Бодаи лабҳои майгунат ба ёд ояд маро,
Пас, чу Мансур ҳам маро андешае аз дор нест.

Ҳасрати гуфтор бешу ҷуръати гуфтор не,
Ҳоҷатам бисёр ҳасту ҳоҷати гуфтор нест.

Ҷомаи шарму ҳаё бар тан агар зебанда аст,
Ифтихори мо вале аз ҷомаву дастор нест.

Нест парвое агар аз бохту бурди ҷаҳон,
Ошиқонро ишқбозӣ бозии душвор нест.

Кӯр гашта сатрҳо чун ҷӯяи нокиштаҳо,
Деҳқони табъи моро дафтару ашъор нест.

Ҳайф бошад, гар набинад чашми равшан сӯзи мо,
Кӯрро дар шоми тира равшанӣ даркор нест.

МЕОЯД БА ЁД

Гоҳ-гоҳе нағмаи танбӯр меояд ба ёд,
Рӯи гул рақсидани занбӯр меояд ба ёд.

Аз навои захмаҳои тори ноҷӯри диле
Нолаҳои ошиқи ранҷур меояд ба ёд.

Ҳарзаҳои ишқи мармузи гилу хуршеду ток,
Қиссаи обистани ангур меояд ба ёд.

Чоҳро аз ранҷи Бежан нест парвое дигар,
Дорро аз ҷуръати Мансур меояд ба ёд.

Нори хандон мекунад равшан дили шабҳои ту,
Нурро аз тинати бенур меояд ба ёд.

Аз хазонрези ҳазини баргҳои зери по
Номаҳои ошиқи раҳдур меояд ба ёд.

Кӯҳканро рӯи Ширин ёд меояд ба хоб,
Чоҳканро рӯзи маргу гӯр меояд ба ёд.

АЗ ТУ РАФТАМ

Аз ту рафтам, аз туву дунёи ту,
Аз ҷаҳони ҳарзаву руъёи ту.

Сад биёбон ташнаи борону ман
Бӯсахоҳи ҳасрати лабҳои ту.

Моҳии тиллоии дарёи дил
Дил занад дар синаи дарёи ту.

Хешро сӯзам чу шамъи хирасӯз,
То кунам равшан дили шабҳои ту.

Дил шикасту нашканад хуммори дил
Аз хумори наргиси шаҳлои ту.

Мехурам ғамҳо фузуну беҳисоб,
То ки кам гардад каме ғамҳои ту.

Мекушад охир маро савдову ғам,
Гар намурдам аз ғаму савдои ту.

САВДО БИГЗАРАД

Чашм пӯшам, то даме андӯҳу ғамҳо бигзарад,
Чашмро во мекунам, бинам, ки дунё бигзарад.

Ошиқиҳо аз дилу девонагӣ аз сар нарафт,
Аз сари шӯридаам сад шӯру савдо бигзарад.

Ғарқ гашта дар гуноҳи худ, бубин, тардомане,
То ба хушкӣ хушк ӯ гирдоби дарё бигзарад.

Навбаҳор охир бигашту дер шуд айёми гул,
Булбули шӯрида ҳам бо ҷони шайдо бигзарад.

Гар хатое бигзарад аз мо, сазои мо ҷазост,
Ҳар ҷазои носазо ҳам аз сари мо бигзарад.

Мегузорӣ то ба фардо фурсати марги маро,
Зиндагонӣ бо умеди рӯзи фардо бигзарад.

ҚУРБОНИ НИГОР

Дар ҷаҳони ишқ султонат кунам,
Он чи хоҳӣ, ҷони ман, онат кунам.

Ҷо диҳам дар мардуми чашмам туро,
То зи чашми ғайр пинҳонат кунам.

Бор, борони муҳаббат, бар сарам,
Бӯсаборон, бӯсаборонат кунам.

Чида гулҳои муроди хешро,
Даста-даста зеби дастонат кунам.

Пардаи дил карда пойандози ту,
Дар дилу дар дида меҳмонат кунам.

Мераҳонам ҷони худро аз аҷал,
То, ки рӯзи васл қурбонат кунам.

БА НИГОР

Ҳар гаҳе ки кокулат дар оби дарё тар шавад,
Об гардад қалби дарё, боз дарётар шавад.

Мезанад борон ба рӯят, рӯи зебо тар шавад,
Рӯи зеборо бишӯяд, боз зеботар шавад.

Ишқи ту кимёгари бахти ману толеи ман,
Зар бигардад бе ту хоку хок бо ту зар шавад.

Нӯшдору дар танам заҳр аст бе лабҳои нӯш,
Неш гардад нӯшҳову бӯсаҳо ништар шавад.

Рафта аз оғӯши ту, афтода бар оғӯши ғам,
Бахт гунгу завқ кӯру гӯши қисмат кар шавад.

Қалби ман оинаву оини ӯ покӣ бувад,
Қалби чун оина ҳам муҳтоҷи хокистар шавад.

ТУРО ХОҲАМ

Гар ту мехоҳӣ, намехоҳӣ маро, хоҳам туро,
Солу моҳу рӯзу шаб танҳо туро хоҳам, туро.

То ба ҳусни дигаре хоҳам, ки бинам рӯи ту,
Дар дуову дар намозам аз Худо хоҳам туро.

Ҷуз вафо чизе нахоҳам аз ҷаҳони ишқи ту,
Аз ҷаҳони бевафо, эй бевафо, хоҳам туро.

Хунбаҳо аз ту намехоҳам, биё, хунам бирез,
Дар баҳои ҷони худ, эй бебаҳо, хоҳам туро.

То зи ман бегонаӣ, бегонаам аз ақли хеш,
Бо дили дардошно, эй ошно, хоҳам туро.

Ҳар нафас дорам ҳавас, бошӣ ту бо ман ҳамнафас,
Дар нафасҳои пасинам чун ҳаво хоҳам туро.

Гар ту медонӣ, намедонӣ, намедонам дигар,
Гар ту мехоҳӣ, намехоҳӣ маро, хоҳам туро.

ЁДИ ТУ

Аз сарам хоҳам, ки ёдат як даме берун кунам,
Рӯи ту ояд ба ёдам, ман надонам, чун кунам.

Тавба аз май кардаму лаъли лабат омад ба ёд,
Майпарастӣ баъд аз ин ман аз лаби майгун кунам.

Хонумон аз даст додам ман зи дасти хонумон,
Хонабардӯшам, чу Маҷнун хайма дар ҳомун кунам.

Теғи абруят бирезад хуни дилҳоро ба ноз,
Чун намерезӣ ту хунам, қалби худро хун кунам.

Сад биёбон ташнаи боронаму дарёи ноз,
Чашмаи чашмам нахушкад, дидаро Ҷайҳун кунам.

Шиква аз умрам надорам, шиква аз обу гилам,
Айб бошад, гар зи дуне шиква бар гардун кунам.

ҚИСМАТИ МО

Ин замину ин само ҳам аз азал моли Худост,
Ҷисми мо ҷузъи замину рӯҳи мо ҷузъи самост.

Ҳар кӣ меафтад зи по, бозичаи дасти касест,
Ҳар куҷо барге фитад, бозичаи боди сабост.

Ман, ки аз пои равон мондам, бишуд ашкам равон,
Ашки чашми ман равон аз таънаҳои норавост.

Ҳар хатои ман нишони қисмати пешонӣ нест,
Ҳар хати пешониям гарчи нишоне аз хатост.

Аз бинои ҳастиям хиште канад меъмори вақт,
Ҳар чӣ гил бунёди он, нопойдору бебақост.

Аз сияҳкорӣ агарчи сурма шуд болои чашм,
Нури маҳро ҳам бубин, ки ошиқи зулматсарост.

Теғ гар урён бувад, орад балову сад хатар,
Гар сухан урён бувад, бадтар зи сад теғи балост.

Ҳоҷиё, дар косаи зарин агар заҳрат диҳанд,
Мешавад позаҳр шеърат, гарчи дардат бедавост.

ИШҚИ ЗАХМИН

Аз сарам мастӣ гузашт, аммо хуморам мондааст,
Ёдгоре бебаҳо, - ёди баҳорам мондааст.

Бенавоям, бедавоям, бенавои ишқи ту,
Захми дил аз захмаи тори дуторам мондааст.

Гар нишон аз оташи ишқи ниҳон дар дил намонд,
Як шарор аз сӯзи дил баҳри сигорам мондааст.

Пеши ҷонон меравам, дар ҷон шароре ку маро?
Пеши ман о, ҷони ман, гар эътиборам мондааст.

Аз набарду гирудори зиндагӣ кардам фирор,
Ишқи захминам, вале дар корзорам мондааст.

Гар умедам ноумед аз боғи бовар рафтааст,
Модари андеша умре интизорам мондааст.

Аз китоби умри ман байте намехонад касе,
Як-ду байте чун катиба дар мазорам мондааст.

Як бағал дарду алам дорад дили садпораам,
Як бағал шеъру ғазал дар васфи ёрам мондааст.

ТАШНАИ ИШҚ

Дида ҳусни рӯи ту дида мунаввар мешавад,
Олам аз бӯи хуши мӯят муаттар мешавад.

Гарди домони ту гардам, доман афшонӣ зи ман,
Сар ба савдоят занам, дарди сарам сар мешавад.

Дида чашмони тарат, чашмони ман тар мешавад,
Бӯса аз лабҳои тар гирам, дилам тар мешавад.

Обрӯям резиву аз ту нашӯям даст ҳеҷ,
Обрӯ бо оби ҷӯ гарчи баробар мешавад.

Ташнатар гардам, бибӯсам аз лабони ташнаат,
Бӯса хуш бошад бароям, марг хуштар мешавад.

Кош бо чашми дилат бинӣ ҷаҳони ишқро,
Пеши чашмонат ҷаҳон аз ишқ дигар мешавад.

ЗАХМИ СУХАН

Чаро мурғи сухан аз пар задан монд?
Дилам аз олами шеъру сухан монд.

Дареғи он суханҳои чу қандам,
Аз ин қандам фақат заҳри бадан монд.

Хамӯшӣ беҳ бувад аз хирмани зар,
Ҳамин пандам маро муҳри даҳан монд.

Рамида булбулон аз боғу гулшан,
Дар ин гулшан фақат зоғу заған монд.

Куҷо шуд ҳиммати мардонаи мо?
Фақат тавҳин, фақат таҳқири зан монд.

Ҳама олам парад бар моҳу анҷум,
Ачам аз анҷуман то анҷуман монд.

Ҳар он захме, ки буд аз ҷисми ман рафт,
Вале захми сухан дар қалби ман монд.

ИШҚИ ПОК

Ёри бепарво макун дар ишқи худ шайдо маро,
Нест парвое дигар аз ёри бепарво маро.

Сар ба савдоят занам, расво дар ин савдо шавам,
Пас, дар ин савдо макун расвотар аз расво маро.

Марҳами дарди дили танҳои ман танҳо туӣ,
Бо ғамам танҳо намон, танҳо намон, танҳо маро.

Ташнатар гардам, бибӯсам аз лабони ташнаат,
Ташналаб ғарқам макун дар домани дарё маро.

Мекунад афсун маро афсонаи чашмони ту,
Мебарӣ бар олами афсонаву руъё маро.

Хуштар аз ёди хушу рӯи хушу ҳарфи хушат
Хуш намеояд ҳама ин хубии дунё маро.

ҚИМОРИ ЗИНДАГӢ

Хораму аз хоки раҳ рӯидаам,
Хору зору хоки раҳ гардидаам.

Дар баҳорон бо ҳама дарёдилӣ
Дар биёбони ҷафо хушкидаам.

Аз баландии ғурурам борҳо
Ҳамчу ашке пеши по афтидаам.

Дар азои душманон бигриста,
Аз азоби хештан хандидаам.

Ҳам зи лутфи душманони кинахоҳ,
Ҳам зи ранҷи ошно ранҷидаам.

Дар қимори зиндагонӣ беғиром
Сад хатову сад балоро дидаам.

Неку бадро бо ҳама суду зиён
Дар баҳои ҷону дил санҷидаам.

Нағз донад, Ҳоҷиё, он зоти пок
Ишқи покеро, ки ман варзидаам.

ШИКВА

Сар ба болинат гузорам, шикваро сар мекунӣ,
Мепазирам шикваҳоят, шиква аз сар мекунӣ.

Гар умедам ноумед аз роҳи бовар меравад,
Мекунам бовар, маро як рӯз бовар мекунӣ.

Дигарон дар фикри ҷову мову ту дар фикри ҷон,
Чораи дигар надорӣ, кори дигар мекунӣ.

Аз алам қалбам қалам кардӣ, карам кардӣ, вале
Аз алам неши қалам дар хуни ман тар мекунӣ.

Шӯри ин шармандагӣ назди башар афтодааст,
Ҳар замон аз шӯри дил савдои маҳшар мекунӣ.

Сад балову сад ҷафоро дида аз ҷаври фалак,
Ман чӣ созам, аз фалак ҳам ҷаври бадтар мекунӣ?

ХУШАМ МЕОЯД

Ғамзаву нозу адои ту хушам меояд,
Иффату шарму ҳаёи ту хушам меояд.

Гар дусад бор маро таънаву тавҳин бикунӣ,
Ҳам дусад бор садои ту хушам меояд.

Пайрави қофияи байти лаби майгунат,
Ман радифам зи қафои ту, хушам меояд.

Чӣ ҷафо аст балои ғами деринаи ту,
Чӣ бало аст ҷафои ту, хушам меояд.

Наравад ёди рухат ҳеч гаҳе аз ёдам,
Дами маргам зи санои ту хушам меояд.

Ман хушомад бизанам, лек наояд ба ту хуш,
Хушии даҳр барои ту хушам меояд.

НАБАРД

Дида макри одамиро, то адам шайтон гурехт,
Дар набарди худситоӣ нанг аз майдон гурехт.

Тобу таб аз ман бирафту ҳам табиб аз ман гурехт,
Дард омад як замону аз танам дармон гурехт.

Кам шавад рӯзе зи умрам, кам нагардад ғуссаам,
Синни ман боло бирафту умри ман поён гурехт.

Бахт бигрезад зи мову сабр бигрезад зи дил,
Ашки ҳасрат бо алам аз дидаи гирён гурехт.

Гар шавад урён дарахте, соя бигрезад зи ӯ,
Гаҳ ҳаё ҳам аз хиҷолат аз тани урён гурехт.

То ба кай ҷонро нигаҳ дорем дар зиндони тан?!
Ҷон, ки як шӯрида буд, охир аз ин зиндон гурехт.

АЗ ҒАМИ ИШҚ

Мо ба рағми тирабахтӣ бодаи равшан занем,
То хати бутлон ба рӯи баҳси мову ман занем.

Ноумедат мекунад гардуни гардони замон,
Ноумедиро ба теғи сабри худ гардан занем.

Тоқати сахтӣ надорад қалби нарми мо дигар,
Ҳоҷате охир набошад, мушт бар оҳан занем.

Оташи дарду алам гулхан шавад дар ҷони мо,
Қалби худро об гардонему дар гулхан занем.

Моҳ хирман мезанад ҳар шаб зи шавқи рӯи ёр,
Мо ба гирди зулфи маҳруён агар хирман занем.

Лофи мардӣ мезанему ку ҳамон мардонагӣ?
Таънаҳои ноҳақе ҳар гаҳ ба номи зан занем.

Ғуссаро пинҳон кунем аз чашми ҳосид як замон,
Хандаи мастонае дар кӯю дар барзан занем.

Ҳоҷиё, поён надорад дарду ғамҳои ҷаҳон,
Як дами беғам, биё, мо то дами мурдан занем.

АЗ МАН МАРАВ

Кош дар базми тараб бо майи нобат бинам,
Соғари лола ба каф масту харобат бинам.

Эй кӣ гӯӣ ту дигар хоб маро хоҳӣ дид,
Мебарӣ хоби маро, дар шаби хобат бинам.

Рӯ битобӣ зи ману хаставу нотоб шавам,
Тоби он нест маро, бе табу тобат бинам.

Хастаи тири ҷафоят дили озурдаи ман,
Ташнаи меҳри туам, то чу саробат бинам.

Омадӣ, зуд марав, сер бубинам рӯят,
Хуш надорам, маҳи ман, ки ба шитобат бинам.

Ҳам азоб аст, набинам нафасе рӯи хушат,
Ҳам гуноҳ аст дигар зери ҳиҷобат бинам.

ЁРИ БЕПАРВОИ МАН

Интизорам мегузорӣ то дами фардо маро,
Гарчи фардо мекушӣ ту аз ғаму савдо маро.

Ёри бепарвои ман, боре агар ёдам кунӣ,
Пас, дигар парво набошад аз ҳама дунё маро.

Аз дилат ҳаргиз нарафта иштиёқи куштанам,
Ин ҳавас охир кушад, эй ёри бепарво, маро.

Мурда - мурда зистам ман бар умеди рӯи ту,
То ғами ман мехурӣ ту, мехурад ғамҳо маро.

Аз биёбони фироқат бигзарад дарёи ғам,
Кардаӣ ғарқи ҳавас дар домани дарё маро.

Дар ҷавонӣ ишқ агар дар ашки ман тӯфон накард,
Мекунад ин ишқи пирӣ оқибат расво маро.

ТАЗОДҲОИ ЗИНДАГӢ

Хор гардад ғам, агар ғамхори мо ёре шавад,
Гул шавад хору яқин не зеби гулзоре шавад.

Дар Ватан будам, маро парвои озоре набуд,
Бе Ватан озармҳо сад ранҷу озоре шавад.

Заҳри гуфтору сухан бадтар бувад аз заҳри мор,
Заҳри мор охир давои дарди беморе шавад.

Он сафедоре, ки дорад соя умре бар сарат,
Баркан аз бехаш, агар ки пояи доре шавад.

Меравад аз даст кору даст мемонад зи кор,
Нобакоре бо фиреб ар монеи коре шавад.

Заҳр бодо таъми тарёки ҳасад бар коми ӯ,
Бар хумори кайфи ӯ ҳар кас гирифторе шавад.

ТАСКИН

Ғам махӯр, рӯзе баҳоре мешавад,
Бебарорӣ ҳам, бароре мешавад.

Шӯри шавқам, пардаи созе мабош,
Нола тифли найсаворе мешавад.

Хонаи оина тангӣ мекунад,
Оҳи мо барқи шароре мешавад.

Гар ба ғам шӯридаӣ обу гилам,
Дар кафат охир ғуборе мешавад.

Санги раҳ оини хешӣ бишканад,
Бо касе оинадоре мешавад.

Маҳви беқадрӣ бишуд колои мо,
Худфурӯшӣ ифтихоре мешавад,

Юсуфи ҷон, о ба Канъони дилам,
Ёри шаҳрӣ шаҳриёре мешавад,

Гар бимирад дар дилам ишқу вафо
Мазраи қалбам мазоре мешавад.

Шукри ҳастӣ, шукри фардоро бигӯ,
Ғам махӯр рӯзе баҳоре мешавад.

МУНОҶОТ

Ман зи ҳар паҳно ба оғӯшат паноҳ овардаам,
Як дили шӯридаи пурдарду оҳ овардаам.

Бо дилу ҷон ҷону дил созам фидои ишқи ту,
Ҷон ба лаб, дилро ба каф ҳамчун гувоҳ овардаам.

Сад гуво ҷустам барои бахшиши афви гуноҳ,
Сад гувоҳ аз баҳри як афви гуноҳ овардаам.

Аз худу ғамҳои худ имрӯз месозам фирор,
Чун ба сӯи Каъбаи меҳри ту роҳ овардаам.

Аз фиреби дидаи ин олами пуршӯру шар
Ман ба чашми дил ба сӯи ту нигоҳ овардаам.

Шеър овардам ба васфат аз сари сидқу вафо,
Эй Худо, бахшо маро, гар иштибоҳ овардаам.

РОЗИ ҶАҲОН

Дар кӯраи тафсони марг ар ҷонгудозӣ мекунем,
Аз ҳар садои гоми худ ҳангомасозӣ мекунем.

Дар дасти даврон мо чу як бозичаву бозичаем,
Бо думи он шери замон бетарс бозӣ мекунем.

Рози ҷаҳон рӯзе шавад амрози дил, амрози дил,
Аз баҳри таскин хешро аз хеш розӣ мекунем.

Сӯзем аз сӯзи замон, созем бо сози замон,
Аз сӯзу аз сози замон вайронасозӣ мекунем.

Бо ин раҳи шебу фароз аз арш то фарш омадем,
Дар аршу дар фарши замон мо сарфарозӣ мекунем.

Паймонаи дилҳо шикаст аз дасти ҳар паймоншикан,
Бо ин дили бишкастамон мо дилнавозӣ мекунем.

ДУЗДИ БОИНСОФ

Аз гули рӯят чаман сад рангу бӯ дуздидааст,
Бодаи чашми туро ҷому сабӯ дуздидааст.

Шона месозад ҷудо гар мӯ ба мӯ мӯи туро,
Мӯшикофиро зи мӯят мӯ ба мӯ дуздидааст.

Шаб барои хоби мо хуршед медуздад чаро?
Хобро аз чашми мо хуршедрӯ дуздидааст.

Эътимоду эътиқоде нест дар сидқу вафо,
Соя аз асли худаш гар обрӯ дуздидааст.

Шиша қадри хештанро ҳадяи паймона кард,
Кӯза қадри хешро аз оби ҷӯ дуздидааст.

Қиссаи ҳоли ту гӯяд кисаи холии ту,
Манманиро фақри мо аз мову ту дуздидааст.

Куҳнаколои хақиқатро дигар арзиш намонд,
Ҳам адолат, ҳам адоватро адӯ дуздидааст.

ОМАДАӢ

Ҳамчу шаббода ту аз бодаи шаб омадаӣ,
Соғари лола ба каф, базми тараб омадаӣ.

Аз кавире, ки ҳама ташнаи дидори ту буд,
Зи сароби назаре дашти Араб омадаӣ.

Хандаи шед шуда душмани ҳар шабнами гул,
Ҷон ба лаб омаду ту ханда ба лаб омадаӣ.

Куштаӣ ғамзадагонро ҳама бо ғамзаву ноз,
Аз ғазои ғарази худ ба ғазаб омадаӣ.

Рӯи худ тофта аз ман, дили ман тоб надошт,
Тоби табхола ба лаб, бин, ба аҷаб омадаӣ.

Ҳамчу шаббода ту аз бодия шаб омадаӣ,
Ки бурун аз ҳади меъёри адаб омадаӣ.

НАМЕГУНҶАМ

Ман он нозам, дигар дар олами дилҳо намегунҷам.
Ман он розам, дигар дар кобусу руъё намегунҷам.

Ман он шӯрам, намегунҷам дигар дар қолаби ҳастӣ,
Ман он шавқам, ки дар завқи дили шайдо намегунҷам.

Чунон дар худ намегунҷам, ки дар ақле намегунҷад,
Ман он туғёни тӯфонам, ки дар дарё намегунҷам.

На дар вақту фазо гунҷам, на дар шаклу на дар мазмун,
Ман он шеърам, ба ҳар шарҳе дар ин маъно намегунҷам.

Ман он тифлам, ки дар қалбам бигунҷад ҷумлаи дунё,
Ман он ишқам, ки бо дардам дар ин дунё намегунҷам.

МАНУ ДИЛ

Дар дили дарё нагунҷад ин дили дарёи ман,
Дар ҳама дунё нагунҷад шодии дунёи ман.

Кас ба мисли ман надонад ғуссаву ғамҳои дил,
Ҷуз дилам кас менадонад ғуссаву ғамҳои ман.

Ҷуз ғамам дарде надорад ҷони ғамбемори ман,
Ҷуз зи дардам ғам набошад дар дили шайдои ман.

Ман агар бо дил ситезам, сӯзад ин дунёи дил,
Гар ситезад дил ба ман, сӯзад тани танҳои ман.

Ман агар аз дил бинолам, войи дил, эй войи дил,
Дил агар аз ман бинолад, войи ман, эй войи ман!

ЧЕҲРАИ ГУЛГУН

Гардиши сол аст, ёди чеҳраи гулгун кунед,
Пок карда синарову кинаро берун кунед.

Айби мо бинӣ, набинӣ айби худро, то ба кай
Пас зи чирки зери нохун хурдаҷӯӣ чун кунед?

Ин ҷаҳон ғамхонаву ёрон, ба ғамҳо хӯ кунед,
Ҳоҷате охир набошад, қалби худро хун кунед.

Чархи гардун бар муроди ту нагардад гар, чӣ суд?
Хешро ороваву саргаштаи гардун кунед.

Гар намегунҷад дигар дар шаҳри ту савдои ту,
Тарки шаҳри худ намуда, хайма дар ҳомун кунед.

Бар сарат ояд, ҳар он санге занӣ бар сӯи кӯҳ,
Тоби дарде гар надорӣ, дарки ин қонун кунед.

Ҷоми май орӣ ба каф, аз дил равад ғамҳои ту,
Гаҳ-гаҳе ёд аз ғами ин Ҳоҷии маҳзун кунед.

ХУШ АСТ

Гардиши сол аст, моро бодаву мино хуш аст,
Бодаи ҷоми нигоҳи наргиси шаҳло хуш аст.

Интизорӣ мекашӣ баҳри висоли дилбаре,
Интизорӣ бо ҳама дарду ғаму савдо хуш аст.

Хона тангу сина тангу хуш бувад айёми гул,
Навбаҳор омад, даме бо мо биё, саҳро хуш аст.

Гар ту лутфе мекунӣ бо хандаи мастонае,
Ҳар чи ҷабре мекунӣ, бо нозу истиғно хуш аст.

Сад ҷафое дидаӣ аз теғи абруяш, кам аст,
Ҳар балое мерасад з-он қомати боло, хуш аст.

Марҳами дарди дили танҳои ман танҳо туӣ,
Омадӣ! Хуш омадӣ! Танҳо биё, танҳо хуш аст.

Нест парвое маро аз даҳри бепарво дигар,
То ту хуш бошӣ, бароям кулфати дунё хуш аст.

АЗ САРИ МО БИГЗАРАД

Боз борони самo ҳам аз сари мо бигзарад,
Тирборони қазо ҳам аз сари мо бигзарад.

Ҳар сари боло ҳаме бошад гирифтори бало,
Бо сабурӣ сад бало ҳам аз сари мо бигзарад.

Тири қисмат аз сари мо нагзарад ҳаргиз хато,
Гаҳ азобу гаҳ азо ҳам аз сари мо бигзарад.

Аз чафояш мондааст аз рафтуо пои равон,
Ҳар ҷафои нораво ҳам аз сари мо бигзарад.

Гар ҷазоеро қазо ҳамчун сазое медиҳад,
Гаҳ ҷазои носазо ҳам аз сари мо бигзарад.

Сад ҷазо аз сар гузашт андар ҷаҳону чун ҷазо
Ин ҷаҳони бевафо ҳам аз сари мо бигзарад.

ШИОРИ ИШҚ

Нозанино! Баҳри оғӯшат баҳор овардаам,
Як дили шӯридаи пур аз шарор овардаам.

Маст аз ҷоми ҷамолу сархуш аз ёди хушат,
Як дам аз баҳри тараб ёди хумор овардаам.

Аз дилам бурдӣ қарору сабру ороми маро,
Дар дили шайдову пуршӯрат қарор овардаам.

Аз канори дарду ғамҳои ҷаҳони беканор
Дар канори ту даме худро канор овардаам.

Аз худу аз кулфати дунёи ғамолуди худ
Бар ҷаҳони беғубори ту фирор овардаам.

Шод бошу шод бошу шод мону шод зӣ!
Шеъри пурсӯзи диламро ман шиор овардаам.

ИНТИЗОРӢ

Интизорам солу маҳ, то кай ту овоям кунӣ,
Ҳамчу ганҷи бебаҳо ҷӯйиву пайдоям кунӣ.

Хоки роҳам кардаӣ, дорам таманное зи ту
Гирдбоде гардиву аз хок болоям кунӣ.

Мӯ ба мӯ месӯзаму ҳуснат тамошо мекунам,
Ман зи ғам месӯзаму беғам тамошоям кунӣ.

Рӯзи худ кардам сияҳ дар ишқат, ай номеҳрубон,
То ки ҳамчун сурмае дар чашми худ ҷоям кунӣ.

Ҷон ба лаб омад маро дар ҳасрати лабҳои ту,
Аз тараҳҳум кай карам бар ҷони шайдоям кунӣ?

Нест парвое маро аз тарси расвоӣ дигар,
Бо ҳама расвоиям машҳури дунёям кунӣ.

БИГЗОР, БИМИРАМ

Бигзор маро, зор зи озори ту мирам,
Чун булбули шӯрида ба гулзори ту мирам.

Тарсам дами марг оиву аз марги қазо пеш,
Ман аз ҳаваси шодии дидори ту мирам.

«Мурдам зи ғамат»- гуфта, зи шодӣ шуда шокӣ,
Ҳайратзадаи шеваи гуфтори ту мирам.

Чун шамъ бисӯзам ба ғами субҳи висолат,
Яъне, ки хама умр талабгори ту мирам.

Фахр аст маро пеши ҳасудони риёкор,
Шармандаву осию гунаҳкори ту мирам.

Не даҳр вафо дораду не умри раванда,
Донӣ магар охир, ки вафодори ту мирам.

БИЁ, ХОНА НИШИН

Сина ғамхона бишуд, ёр, биё, хона нишин,
Бо ҳама дарду ғами олами вайрона нишин.

Ҷоми лабрези аҷал дар кафи дастони вабост,
Раҳи майхона маҷӯ, бе майу паймона нишин.

Бӯса дар фосилаи вақту фазо шуд мансух,
Ғами ҷонона хурӣ, бе ғами ҷонона нишин.

Ғам, ту девона шавӣ, гар бинишинӣ ба дилам,
Ман нагуфтам, ки туро бо мани девона нишин.

Пеши ёре биравӣ, бӯсу каноре накунӣ,
Пеши хешон биравӣ, чун каси бегона нишин.

Мурғи дил, дар қафаси сина бизан болу паре,
Дурри якдона маҷӯ, дар ҳаваси дона нишин.

ШИКВА АЗ ЁР

Дорад он бӯи ҳамоғӯшии ту оғӯши ман,
Бӯсаат муҳри хамӯшии лаби хомӯши ман.

Ғуссаҳо бо бӯсаҳо аз дил равад чун қофила,
Мебарад ёди хушат аз сар хаёлу ҳуши ман.

Дидаи бедор дорам, давлати бедор на,
Ҳарфи зебоят наояд лаҳзае бар гӯши ман.

Хандаҳои шаккаринат лаззати шеъри тарам,
Оташи қалбат шарори ин дили пурҷӯши ман.

Ошноӣ кардаӣ бо душмани ғаддори ман,
Таънаҳои душманам боре шавад бар дӯши ман.

Шишаи қалбам шикастиву хуморат дар дилам,
Шавқи ворастан надорад аз дили хунҷӯши ман.

ХАЙРХОҲӢ

Хоксорӣ карда хоки раҳ шудем,
Ҷуста роҳи ҳақ, вале гумраҳ шудем.

Хонаи мақсуд шуд боди фано,
Дар фазои зиндагӣ чун каҳ шудем.

Ҷаврҳо дида зи бадхоҳону лек
Хайрхоҳи мардуми аблаҳ шудем.

То ба по хезад зи по афтодае,
Мо зи по афтода худ дар чаҳ шудем.

Монда ғофил аз худу дунёи худ,
То зи макри нокасон огаҳ шудем.

ПАРВОНАХӮ

Дар сари кӯи бутон ту мекунӣ манзил чаро?
Ҷо диҳӣ ишқи бутонро дар ҳарими дил чаро?

Шуъларо парво дигар аз сӯзиши парвона ку?
Меравӣ парвонахӯ бар ҷониби қотил чаро?

Лола механдад зи сӯзи булбули шӯридае,
Ҳасрати беҳудаи дунёи беҳосил чаро?

Бингарӣ сӯи гуле ҷое, ки поят дар гил аст,
Шиква аз гул мекунӣ ту, шиква аз хушгил чаро?

Эй дили девона, масти наргиси шаҳло шудӣ,
Мешавӣ девонатар аз панди ҳар оқил чаро?

Дасти худ шӯӣ зи ҷону бигзарӣ дарёи ишқ,
Бе вузӯ ҳар ҷо равӣ аз домани соҳил чаро?

Ҳоҷиё, коре надорӣ бо баду неки касон,
Мекашӣ ранҷе басо аз дасти ҳар қотил чаро?

САРНАВИШТ

Аз оби чашмам тоза шуд бо хуни дил бинвиштаҳо,
Бо макру буҳтон бофтанд аз тори ришам риштаҳо.

Дар кӯҳу дашту пуштаҳо; ноҳақ бикушта баски ҳақ,
Созад дарав аз киштааш бо доси ҳақ дар киштаҳо.

Ҳарчанд кӯшад тарсуе дар хеш бикшад тарси дил,
Аз ғусса мирад бо ҳавас, аз шодии ғамкуштаҳо.

Хубон кунанд ар кори зишт, бошад хато ё сарнавишт,
Фахреву фарқе ку дигар аз хубии африштаҳо?

Сӯзе бимонд аз сози дил, розе бимонд амрози дил,
Нози ҳамоғӯшӣ намонд аз хуни дил оғуштаҳо.

МАРО КУШТ

Тарки тарёки лабат созам, хуморам мекушад,
То зи дай гардам чудо, ёди баҳорам мекушад.

Аз танам рафта мадорам, аз кафам дору мадор,
Дар ба дар аз дар бадар дар зери дорам мекушад.

Пастию шеби чаҳон гоҳе фишорам медиҳад,
Дам ба дам пасту баландии фишорам мекушад.

Нобакоре як замоне корро бекора кард,
Зориям бас зор пеши нобакорам мекушад.

Гул бикиштам, гул навиштам дар раҳи фардои ишқ,
Ишқи ман аз хори роҳам карда хорам мекушад.

Марг чун бечоратар буд, чораи дигар надошт,
Бо ризои худ, вале бе интизорам, мекушад.

ҲАМДИЛ ШАВЕМ

Дил ба ҳам додем мо, то мову ту ҳамдил шавем,
Коми дилро бишканему ошиқи комил шавем.

Аз миёни соҳили мо меравад дарёи ишқ,
Аз муҳаббат шаҳпуле дар байни ду соҳил шавем.

Ишқбозӣ баҳри мо як бозии тифлона нест,
В-арна, мо бозичае дар дасти ҳар ҷоҳил шавем.

Бехато зистан хато будаст дар ин умри кам,
Хат ба хат хонда хаторо, оқибат оқил шавем.

Мекушад моро ҳавас хуштар зи теғи қотиле,
Гар ҳавасро мекушем, он дам, яқин, қотил шавем.

Гул бирӯяд аз гиле, то гулбару гулчин шавем,
Ишқро карда ато, ки хушдилу хушгил шавем.

ГУЛ КУНАД

Аз насими зулфи гулбезат баҳоре гул кунад,
Аз нигоҳи барқи чашмонат шароре гул кунад.

Гул бишуд хор аз алам дар пеши рухсори гулат,
Аз ҳавас дар пеши рухсори ту хоре гул кунад.

Сурх гардад аз ҳаё, чун нор бинад рӯи ту,
Чун гули рухсори ту ҳар лаҳза норе гул кунад.

Бе гули рухсори ту дар шиква аст обу гилам,
Шӯри ишқат гар биҷунбад, шӯразоре гул кунад.

Чун гули хуршеди ховар бишкуфад қалби гулам,
Чун гули маҳ ин рухат дар шоми торе гул кунад.

ПУНБАИ ҒАФЛАТ

Ғунча механдад, агар во мекунад рози туро,
Нола медонад баландиҳои парвози туро.

Ҷони нав бахшад бароям бӯсаи лабҳои ту,
Соҳире асло надонад асли эъҷози туро.

Мезанӣ чанге чу мизробе ба тори ҷони ман,
Бенавоям, нашнавам зеру бами сози туро.

Рӯи ғам бинам дар он оинаи гетинамо,
Сайқали оина донад нақши пардози туро.

Нозанино, то тавонӣ, ноз кун бар ҷони ман,
Дар ниёзафтода донад ғамзаву нози туро?

Пунбаи ғафлат ниҳода мардуме дар гӯши худ,
Ҷон дигар чун мешавад муштоқ овози туро.

Ҳофиё, оғоз кардӣ машқи шеъру шоирӣ,
Вусъате бахшад, Худоё, ҳусни оғози туро.

НАҒМАИ НОҶӮР

Мутрибо! Исто! Садоям бо навоят чӯр нест,
Масту махмурем, варна чурм дар танбӯр нест.

Тоза созӣ захми дилҳо, захма бар торе занӣ,
Нағмаи ноҷӯри ту дарди дили ранҷур нест.

Ҷуръае аз бодаи лабҳои ӯ нӯшидаам,
Шӯру исёнаш чаро дар оби ҳеҷ ангур нест?

Ман чӣ сон товон диҳам, дар тан тавоне ку маро?
Ҳеҷ дарде худ чу дарди нотавонӣ зӯр нест.

Оламе обод гашту қалби мо обод нест,
Номи мо машҳур ҳасту гӯри мо маъмур нест.

Ҳоҷиё, шеъри тарат чун бӯи гул олам гирифт,
Пас, магӯ шеъри тарат дар чашми ӯ манзур нест?

НӮШБОД

Эй азизи дил, даме аз нозанини ман бигӯ,
Бар хазони ман нигар, ҳоли ҳазини ман бигӯ.

Аз камони абруяш ҳарфе магӯ дар пеши ӯ,
Аз камони қоматам ту дар камини ман бигӯ.

Ҳамқадам гардӣ ту гоҳе бо рафиқи ҳамқадаҳ,
Нӯшбоде ҳам барои ҳамнишини ман бигӯ.

Не маро таҳсин бигӯ аз баҳри таскини дилам,
Не сухан аз сӯзи ишқи оташини ман бигӯ.

Сад ҳавас дар дил бимурду сад умеди зиндагӣ,
Бин, намурдам ман зи ғам, сад офарини ман бигӯ.

Хайрхоҳам будиву хайре накардӣ баҳри ман,
Хайрбоде дар нафасҳои пасини ман бигӯ.

ШУЪЛА

Шуъла сар боло кунад, ки дуд болотар аз ӯст,
Нолаҳои шуъларо аз дур бишнидан накуст.

Бӯи гулҳоро ба яғмо мебарӣ, боди сабо,
Обрӯи гул намедонӣ магар аз рангу бӯст?

Мурда тифлони ҳавас дар батни модар борҳо,
Модари андеша тифли норасои орзуст.

Қолии садранг дорад баҳри мардум қимате,
Сабзаи якранг умре зери пои мову туст.

Шамъ агар гиряд, даме хандон шавад олам аз ӯ,
Ғунча механдад ба нозу медарад аз дард пӯст.

Умри ту бодо дароз, эй воизо, аз оби ҷӯй,
Гар сухан беҳад шавад, беқадр ҳам аз оби ҷӯст.

Ҳоҷиё, ҳоҷатбарори ту ҳамедонӣ Худост?
То тавонӣ, ҳоҷатат ҳаргиз мабар бар пеши дӯст.

ТОАТИ ҶОНОНА

Чашми махмури туро соқии майхона кунам,
Ҳам лаби лаъли туро соғару паймона кунам.

Ҳар куҷое биравам, ғайбати ҷонона кунанд,
Чун ба майхона равам, тоати ҷонона кунам.

Гар аз ин дахмасаи ишқ раҳо гардам боз,
Гарчи ширк асту гунаҳ, сачдаи шукрона кунам.

Шаҳр обод, вале ин дили ман вайрона,
Магар аз шаҳр раҳе ҷониби вайрона кунам.

Дили девона маро гуфт, ки: ҳушёр най!
Ман, ки ҳушёр наям, гӯш ба девона кунам.

Нашунида гапи ҳақ, ман чӣ кунам? Ночорам!
Ошиқи содадилам, гӯш ба афсона кунам.

КОШ БОШАМ

Кош бошам нолае, то гулбадан гӯшам кунад,
Кош бошам пераҳан, аз шавқ оғӯшам кунад.

Кош гардам шамъу сӯзам дар сари болини ӯ,
Баҳри хоби нози худ ночор хомӯшам кунад.

Кош бошам шонае дар банди зулфони нигор,
Ҳар замон аз зулфи мушкинаш сияҳпӯшам кунад.

Кош бошам ҷӯйи обе дар замини хотираш,
Баҳри рафъи ташнагӣ шодам агар нӯшам кунад.

Кош бошам соқии базми висоли он нигор,
То зи ҷоми васли худ як умр мадҳушам кунад.

Кош бошам шеъри тар, ҷӯяд маро аз дафтаре,
Ҳар гаҳ аз ёдаш агар як дам фаромӯшам кунад.

ЗАБУНӢ

Оламхудо, якто туӣ, одамхудо гашта фузун,
Эй ҳамзабони ман, чаро ҳоли забон гашта забун?

Дӣ душмани ман гаштаӣ, гулдухтари зебои даҳр,
Имрӯз дур аз ғайр худ, ҷоношно бо ман кунун.

Хоҳам, ки бинӣ рӯи шед дар олами ҳар тирадил,
Равшантулӯи беғуруб, дунёи дил, дунёи дун.

Мулло шавад хуни ҷигар, бадхӯ шавад шогирд агар,
Тифли дабистони замон дилҳои моро кард хун.

Дар марзу буми ҳастият бими маризӣ буд туро,
То бом н-афтад бар сарат, бояд занӣ зераш сутун.

Дунё, зи мо болотарӣ, дунё, ту ё дунпарварӣ,
Гардун бичархад беибо дар зери чархат то кунун.

Дилҳои моро кард хун бо дарду ғамҳои фузун
Мустаъфилун, мустаъфилун, мустаъфилун, мустаъфилун.

ХИРМАНИ ИШҚ

Шиква аз умрам надорам, шиква аз обу гилам,
Мушкил аст он, ки напурсӣ ту гаҳе аз мушкилам.

Рӯҳи тӯфонии ман дар баҳри қалбам орамид,
Мадду ҷазри ҳодисоташ бигзарад аз соҳилам.

Шаҳри ман обод ҳасту шаҳри дил обод не,
Аз хароботе хазонбоде вазад бар манзилам.

Хирмани маҳ дар гирифт аз оҳи сӯзони дилам,
Мушти хокистар бишуд, бингар чӣ монда ҳосилам.

Ҳам табибу ҳам ҳабиб огоҳ аз дардам наянд,
Ҳар киро дил додам, ӯ ҳамдаст шуд бо қотилам.

Хушдилам, аз хушгилам бори маломатҳо кашам,
Хушгило, ҳарфи хуше гӯ бар муроди ин дилам.

ҶӮЯД МАРО

Ҳар кӣ бошад хушназар, чун кони зар ҷӯяд маро,
Не чу назре нозири аҳли назар ҷӯяд маро.

Чун хумори бодаи лабҳои майгуни нигор,
Ҳар кӣ нӯшад соғаре, бори дигар ҷӯяд маро.

Сарфу наҳви умри хешам дар китоби зиндагӣ,
Саҳв созад ҳар касе, гар мухтасар ҷӯяд маро.

Чашми камбине набинад чашмаи меҳри маро,
Ҷӯ ба ҷӯю раҳ ба раҳ ҳар раҳгузар ҷӯяд маро.

Аз шару шӯрам башорат мебарад аҳли риё,
То дар ин маҳшар ҳама аҳли башар ҷӯяд маро.

Баъди маргам аз ману номам намемонад нишон,
Дилбаре аз дафтаре чун шеъри тар ҷӯяд маро.

ДИГАР КУНЕМ

Вақти он шуд, ҷони ман, афкорро дигар кунем,
Дафтару андешаву ашъорро дигар кунем.

То ки бофӣ таънаҳоро бо ҳазорон соҳирӣ,
Тору пуди шеваи гуфторро дигар кунем.

Арзи пул шуд дар самову қадри одам дар замин,
Ку тавоне, қимати бозорро дигар кунем?

Гар саре бошад тиҳӣ, ин иллати дастор нест,
Сар агар бемӯ бувад, дасторро дигар кунем.

То аҷал раҳгум занад дар кӯчаҳои умри мо,
Хонаву дарвозаву деворро дигар кунем.

То ба ранги дигаре тобӣ ба чашми дигарон,
Ҷомаву ҳам куртаву эзорро дигар кунем.

Эй ки аз худ рафтаӣ, охир, куҷо ҳам меравӣ?
Эй зихудрафта, биё, рафторро дигар кунем.

НИҲОЛИ САБЗИ БОВАР

Чу рӯят шамси ховар офариданд,
Чу мӯят мушку анбар офариданд.

Ду чашмат ахтару рӯят чу моҳе,
Чу рашки моҳу ахтар офариданд.

Шаробе аз лабони шаккаринат,
Чу оби ҳавзи Кавсар офариданд.

Қадатро дар замини боғи умрам
Ниҳоли сабзи бовар офариданд.

Ду абруи ҳилолатро, хаёлам,
Мисоли боли кафтар офариданд.

Парӣ дар сурати одам биёмад,
Гуле аз обу озар офариданд.

Ту моли ман шавӣ, доротаринам,
Саропои туро зар офариданд.

АКСИ ВОПАСИН

Ту рафтӣ, сад алам андар дилам монд,
Гули ғусса чу хоре дар дилам монд.

Чӣ мушкил доштӣ бо ман, гули ман,
Ки осон меравӣ, сад мушкилам монд?

Мазоре шуд дилам баҳри ҳавасҳо,
Чу рафтӣ, мазраи беҳосилам монд.

Чу селоби бало бурдӣ ҳушамро,
Дили девона андар соҳилам монд.

Ғами ишқи ту шуд як инфиҷоре,
Аз он бас гуфтугӯи манзилам монд.

Даруни синаам акси нигоҳат
Чу акси вопасини қотилам монд.

ЗАХМИ НОСУР

Зи лаҳни тори ноҷӯре дили ранҷур месӯзад,
Зи дарди захми носуре дили масрур месӯзад.

Чароғи рӯйи гӯри ту насозад хонаат равшан,
Чароғи хонаи қалбат агар бенур месӯзад.

Чу танбӯре ҳаменолад, дилам сӯзад зи сози ӯ,
Дило, аз ғам ту менолӣ, дили танбӯр месӯзад.

Агар дар хонаи занбӯр ёбӣ нешу ҳам нӯше,
Чу меъморе хато созад, чаро маъмур месӯзад?

Агар шамъе барафрӯзӣ, ҳама парвонаҳо сӯзӣ,
Дилам сӯзад, ки сӯзӣ, хонаи занбӯр месӯзад.

Шафақ ҳам мешавад дилхун, ки шедаш мекунад таркаш,
Зи сӯзи ишқи ту мирам, дилам дар гӯр месӯзад.

ОЛАМИ АФСОНА

Шаҳриёри олами афсонаву рӯъё, биё,
Гар ба бедорӣ намеоӣ, ба хоби мо биё.

Гул сириштам, гул бикиштам дар раҳат, ай дилрабо,
Бо насими бӯи гул аз домани саҳро биё.

Аз тамошои ҷамоли ту дилам гул мекунад,
Эй баҳори гулфишони дидаву дилҳо, биё.

Аз чаҳони гиру дори зиндагӣ бигрехтам,
Бе туям танҳои танҳо, омадӣ, танҳо биё.

Мебарӣ аз дил қарору сабру тамкини маро,
Эй таманои дили шӯридаву шайдо, биё.

Ин дили ғамбори моро бурда бо нозу адо,
Гарчи моро мекушӣ, бархезу бепарво биё.

Дорам уммеде зи ту, ишқи қашанги зиндагӣ,
Чун чароғи равшани пояндаи фардо, биё.

УМРИ АБАС

Бӯсаи лабҳои ту умре ҳавас бошад маро,
Ин ҳавас аз олами ишқи ту бас бошад маро.

Ҳар нафас дорам, ҳавас дорам, ҳавас дорам, ҳавас,
Бо ту бошам ҳамнафас, то як нафас бошад маро.

Ҷони худ монам ба ҷонат аз ҳавас, эй ҷони ман,
Мояи ҳастӣ, вале дар тан қафас бошад маро.

Бо сари боло гурезам аз балои ишқи ту,
Сад балои дигаре дар пешу пас бошад маро.

Ҳар замон худро ба ёди рӯи моҳат хуш кунам,
Кай дигар андешаи ҳар хору хас бошад маро?

Зиндагӣ зебо набошад бе рухи зебои ту,
Зиндагӣ бе рӯи ту умри абас бошад маро.

ДАСТИ ТУ

Дасти туро бигирам, бошад бигирӣ дастам,
То ҳастаму то ҳастӣ, то ҳастию то ҳастам,

Аз ҷоми лабат нӯшам, нӯшӣ зи лаби ҷоме,
То масти майи нобӣ, аз ҷоми лабат мастам.

Нашкаста хумори мо, сад шукри баҳори мо,
Армони дилу ҷонро бишкастию бишкастам.

Дилбастаи рӯят ман, дар баста ба рӯи ман,
Эй тавбашикан аз нав, паймони вафо бастам.

Бигзашт зи шаст ин умр, дар шасти камолотам,
Дар доми балои ту чун моҳии дар шастам.

То Каъбаи меҳри ту бас роҳи дарозе ҳаст,
Бо қиблаи рӯи ту биншастаму биншастам.

САФОИ ХОНА

Меравию меравад бо ту сафои хонаам,
Бод менолад чу ман ҳар дам дар ин вайронаам.

Ҳосили кишти умеди ман шавад боди фано,
Бода заҳре мешавад дар соғару паймонаам.

Обу равған ҳам даруни косае бегонаанд,
Гар зи ман бегонаӣ, аз ақли худ бегонаам.

Эй кӣ мегӯӣ маро: «Ошиқ ту ё девонаӣ?»
Ошиқам ман, ошиқам ман, ошиқи девонаам.

Сурхии рухсораҳои лолаҳо аз шарми кист?
Аз канори лолазоре бигзарӣ, ҷононаам.

Чун магас асло нагардам гирди хони мардумон,
Ишқи ман бошад чароғе, даври ӯ парвонаам.

Эй, ки санге мезанӣ бар шеъри Ҳоҷӣ аз ҳасад,
Ё зи номардӣ набинӣ химмати мардонаам.

ҲАНГОМА

Як дам аз нафсу ҳавои аҳли олам рам кунам,
Ром созам нафсро, то хешро одам кунам.

Хоби шабро дур созам аз ду чашмам то саҳар,
Дар азои ӯ нишинам, то саҳар мотам кунам.

То бувад як дилрабои бонамак ҳамрози ман,
Ин намакро ман ба қалби реши худ марҳам кунам.

Не зи кас боло шуморам хешро дар зиндагӣ,
Не сарамро пеши пои носипосе хам кунам.

Не зи хомӣ дар ғами бешу ками дунёи дун,
Зарра-зарра ҳамчу хома умри худро кам кунам.

Ҳар кӣ расво мекунад моро шавад расво чу мо,
Пас ба ҳар гоме чаро ҳангома дар олам кунам?

НАМОЗИ БЕНИЁЗӢ

Аз канори чун баҳоре то канор афтодаам,
Ҳар қадам хушкидаву дар коми нор афтодаам.

Дуди оҳам аз алам ҳар дам ба боло сар кашад,
Аз баландии ғуруру эътибор афтодаам.

Об ҳам бар сӯи пастӣ меравад, айбам макун,
Ашки беқадрам, ба пеши по ёр афтодаам.

Гарди домони ту гардам, боз мегардӣ малул,
Хоки поят будаму дур аз диёр афтодаам.

Чун нанолам, эй азизон, эй азизони диёр,
Мӯри беморам, вале дар коми мор афтодаам.

Як намози боҳузур аз ман чӣ сон ояд, чӣ сон?
Ҳам зи по афтодаву ҳам зери бор афтодаам.

Аз нигоҳи чори Ҳоҷӣ чораи коре мачӯ,
Дар миёни чор девори ҳисор афтодаам.

ХУНБАҲО

Дар дами сели бало манзил намебояд гирифт,
Ғуссаи беҳударо дар дил намебояд гирифт.

Теғи абруяш бирезад хуни моро беибо,
Хунбаҳои худ аз ин қотил намебояд гирифт.

Лом кай гӯӣ ба пеши Ҷими зулфи Ӯ, даме?
Хешро дар пеши Ӯ оқил намебояд гирифт.

Чашми шӯхи Ӯ бувад умре пайи озори мо,
Кинае асло аз ин хушгил намебояд гирифт.

Хандаи гулҳои гулшан худ далели равшан аст,
Мотами дунёи беҳосил намебояд гирифт.

Ҳоҷиё, ранҷе кашӣ гоҳе зи дасти ҷоҳиле,
То қиёмат домани ҷоҳил намебояд гирифт.

СӮЗИ ИШҚ

Сӯзи ишқе ку, маро дар ошиқӣ шайдо кунад?
Ку ҳамон шӯре, маро машҳур дар дунё кунад?

Ку ҳамон дасте, сарам аз хок бардорад даме?
Ку умеде, ки маро дилбастаи фардо кунад?

Баски аз пои равон мондам, бишуд ашкам равон,
Ашки навмедӣ маро шармандаву расво кунад.

Гар суроғи мо намеояд даме шодии мо,
Дарди мо мард аст, моро ҳар куҷо пайдо кунад.

Дар гулӯи най намегунҷад агар фарёди ҷон,
Нолаву сӯзи дилам сад нойро гӯё кунад.

Сарбаландӣ мекунанд ин ҷо тиҳимағзон аҷаб,
Аз тиҳимағзӣ сари худ хӯша ҳам боло кунад.

Ҳоҷиё, ранҷе кашӣ умре пайи маъно, вале
Як адофаҳме наёбӣ, дарки ин маъно кунад.

НАМОЗИ ИШҚ

Булбуло, ифшо кунӣ умре ту рози ишкро,
То бихонӣ номаи сӯзу гудози ишқро.

Бенаво гардад ҷаҳоне, аз наво монем мо,
Ҳамнавои сӯзи мо созӣ ту сози ишкро.

Дар сари гаҳвораи ғамҳои худ нолидаӣ,
Ҷуз вафо чизе намебинӣ ниёзи ишкро.

Бар танӯри ҷони худ аз дида обе мезанӣ,
То насӯзӣ оқибат нони маҷози ишқро.

Сӯи пастӣ меравӣ, эй ашки дунҳиммат, чаро?
Аз ғурури мо намебинӣ фарози ишкро.

Дасти худ шӯӣ зи ҷону по ниҳӣ дар кӯи ишқ,
Бевузӯ асло намехонӣ намози ишкро.

ТИРИ НИГОҲ

Замину ҳам само фардо гувоҳ аст,
«Сари зулфат мабур, к-ӯ бегуноҳ аст».[1]

Сари зулфат зи офатҳо панаҳ бод,
Маро дар сояи зулфат паноҳ аст.

Набинам лаҳзае рӯи чу моҳат,
Ба сони мӯи ту рӯзам сиёҳ аст.

Чароғи дида бар гӯрам бияфрӯз,
Дили ман куштаи тири нигоҳ аст.

Напурсӣ ҳоли ман, ҳолам табоҳ аст,
Ки бе ту зиндагӣ афсӯсу оҳ аст.

Набошад умри мо аз як нафас беш,
Агарчи дар назар якумра роҳ аст.

Гунаҳ бошад агар ишқу муҳаббат,
Ба олам бегунаҳ будан гуноҳ аст.

[1] Аз Анварӣ

ЧАШМИ КОФАР

Чашми урёнам бипӯшам аз нигоҳи беҳаё,
Хушзабонӣ ҳам зиён орад, намечӯям зиё.

Меҳри ӯ қалбам рабуду ҳусни ӯ ақлу ҳушам,
Ҳар куҷо девонае бинӣ, барад моро зи ҷо.

Куштаи теғи забони худ шавад донову маст,
Безабонӣ мебурад ин ҷо сари ҳар хомаро.

Мекунӣ ғорат дилу қадраш намедонӣ чаро?
Ҳарчи аз ғорат ба даст ояд, надорад он бақо.

Чашму абруяш сияҳпӯшӣ кунад рӯзи сафо,
Чашми ман, эҳром мепӯшӣ, вале рӯзи азо.

Эй мусулмонон, чӣ гӯям ман зи чашми кофараш?
Ӯ ба ҳар дине, ки бошад, кори ӯ бошад риё.

ЧАШМИ ОТАШИН

Бипӯш аз мо ду чашми оташинро,
Ба як имо барӣ имону динро.

Зи кишту ҳосили умеду армон
Фалак суде набахшад хӯшачинро.

Нигини бахти ту бодо дили ман,
Надонӣ гарчӣ қадри ин нигинро.

Ту гӯӣ офарин бадхоҳи моро,
Кунам нафрину нафрин офаринро.

Ба ҳар ҷо по ниҳӣ, сар мегузорам,
Намебинӣ, вале асло заминро.

Бишӯяд оби чашмам нақши поят,
Куҷо монам ба саҷда ман ҷабинро?

Намози ишқи ту бошад ниёзам,
Ки нозам нозҳои нозанинро.

КӮЛБОРИ ГАРДУН

Ҳарчи ғам бошад дар ин кӯлбори гардун, аз ман аст,
Чархи саргардони ӯ ҳар дам дигаргун аз ман аст.

Мегурезам ман зи қасри ишқи худ аз шаҳри ту,
Хонабардӯшам, агарчи кӯҳу ҳомун аз ман аст.

Ҳар куҷо бинам пушаймоне, пушаймонам чу ӯ,
Ҳар куҷо норозие бинам, ки маҳзун аз ман аст.

Аз паи тақлиди ранге меравӣ, эй беҳунар,
Ҳарфи мавзун аз туву маънову мазмун аз ман аст.

Абр агар гиряд даме, ки лола хандад дар замин,
Гарчи механдад аду, аммо ҷигархун аз ман аст.

Дар ниқоби ханда пинҳон мешавад Ҳоҷӣ зи ғам,
Ӯ, ки механдад зи ғам, гӯё ки мамнун аз ман аст.

АТРИ КАФАН

Кош бошам булбулу ҷо дар чаман бошад маро,
Дар канори ҳар гулу хоре ватан бошад маро.

Кош бошам шабнаме, мирам канори барги гул,
То зи бӯи барги гул атри кафан бошад маро.

Ҷомаи зангорро оинавор аз тан кашам,
Ҳам чу ӯ шарме агар аз пераҳан бошад маро.

Кош бошам чун радифи маснӯъе дар коинот,
То миёни моҳу анҷум анҷуман бошад маро.

Ё шавам шамъе, бимирам, шаб бигирад мотаме,
Ё кунам худсӯзие, ҷон дар бадан бошад маро.

Эътибори арра гар аз тезии дандони ӯст,
Ризқи нав чун осиёбе дар даҳан бошад маро.

Хоҷиё, захми сухан ҳаргиз намеёбад шифо,
Дар дилу ҷонам зи бас дарди сухан бошад маро.

ДИЛИ ДЕВОНА

Ишқи ту дар дидаву дар қалби шодам хона кард,
Сели ашкам омаду ин хонаро вайрона кард.

Гар ҷудо созӣ зи шона ҳар ду дастонам, чи бок,
Тори зулфони туро хоҳам ба мижгон шона кард.

Ту намепурсӣ чаро ҳоли дили девонаам,
Ин дили девонаам охир маро девона кард.

Ҳар куҷо санге занад девонаро тифлони шӯх,
Оқилонро сангсоре мардуми фарзона кард.

Мепарастам ишқи ёронро, аз он ки сураташ,
Бо нигоҳе Каъбаи қалби маро бутхона кард.

Мегурезӣ ту зи дасти марги худ то пои марг,
Гар бимирӣ рӯи дасти дилбаре, шукрона кард.

Бар хасе моли ҷаҳон, Ҳоҷӣ, намеарзад зи бас,
Ҷони худро ӯ нисори бӯсаи ҷонона кард.

МАРГИ ИҶБОРӢ

Ақлу ҳушамро барӣ, хуш нест ҳушёрӣ маро,
Масти хобӣ, ҷони ман, сад ҳайфи бедорӣ маро.

Ҷони ман аз тан намегардад ҷудо то пои марг,
Медиҳад панде ба гӯшам аз вафодорӣ маро.

Дасти ман аз кор монду кори ман бекора шуд,
Захми корӣ мезанад ин дарди бекорӣ маро.

Интизорӣ мекашам баҳри висолат солу моҳ,
Ҳаҷри ту охир кушад бо марги иҷборӣ маро.

Бо ҳама равшандилӣ охир сияҳмастӣ чаро?
Нури маҳтобам, намезабад сияҳкорӣ маро.

Дам мазан, Ҳоҷӣ, агар ҳар дам аду санге занад,
Хуш намеояд дигар ҳар дам дилозорӣ маро.

ХОРАТ КУНАД

Бо касе маншин даме, ки оқибат хорат кунад,
Як нафас шодат кунад, дар ғам гирифторат кунад.

Нозу бозорат маро безор кард аз ҷони худ,
Нолаҳои зори ман гӯё, ки озорат кунад.

Фарзи айни ишқро орам ба ҷо дар айни фарз,
Тавбаро пеш оварӣ, аз нав гунаҳкорат кунад.

Саф кашида мижжаҳоям баҳри тоат дар намоз,
Бо рукӯъу бо суҷуде зикри дидорат кунад.

Пеши рухсори гулат гулҳои гулшан шуд хиҷил,
Хома натвонад дигар тавсифи рухсорат кунад.

Шеъри Ҳоҷӣ мешавад ширинтар аз қанду набот,
Бемуҳобо, ҳар гаҳе тақлиди гуфторат кунад.

БИГРИСТАМ

Булбулосо дар канори ҳар чаман бигристам,
Ҳамчу шамъе дар сафои анҷуман бигристам.

Мисли гулҳо ханда меояд ба умри кӯтаҳам,
Чун кабобе ман зи сӯзи ҷону тан бигристам.

Рӯзи марги худ набитвонам бигирям, аз алам
Дар азои душманони хештан бигристам.

Чун қалам дар ҳар қадам кам мешавад аз умри ман,
Чун қалам умре барои ҳар сухан бигристам.

Абраму гирям баҳору ҳам хазони зиндагӣ,
Кӯза-кӯза ҳар куҷо баҳри Ватан бигристам.

Гиряму хандам, надонам мисли як девонае,
Тифли нодонам, надонам аз чӣ ман бигристам?

ЁДИ АЙЁМ

Ёди айёме, навое доштам,
Аз майи софе сафое доштам.

То сароям байти лабҳои туро,
Дар сари кӯят сарое доштам.

Ҳайфи ҷони ман, нашуд қурбони ту,
Аз ҳаёти худ ҳаёе доштам.

Гар набуд суде маро аз ишқи ту,
Аз зиёни ӯ зиёе доштам.

То надидам ман алифи қоматат,
Бе хату холат хатое доштам.

Аз қабои худ хиҷолат мекашам,
Аз хиҷолат то қабое доштам.

Ёди айёми хуше дар ишқи ту
Бо баҳори ту баҳое доштам.

ЗИНАТИ ГУЛЗОР

Бе гули руят нахоҳам зинати гулзорро,
Мепазирам баҳри ёрам миннати ағёрро.

Зеби гулзору чаман бинӣ ниҳоли бесамар,
Бишканад дасти ҳасуде шохаи пурборро.

Хушзабонӣ ҳам зиён орад, ту бовар мекунӣ,
Гар бубинӣ дар қафас мурғони хушгуфторро.

Ҳиммате бошад маро аз ҳикмати девори боғ,
Мекунам болои сар аз баҳри гулҳо хорро.

Карда хоки раҳ маро, бо хок бозӣ мекунад,
Кай бувад шарму ҳаё ин чархи бадрафторро?

Ҳоҷиё, дар хоби шаб бинӣ ҷамолаш, давлат аст,
Чун ба бедорӣ набинӣ давлати бедорро.

ҚИССАИ МАҶНУН

Қиссаи Маҷнун барои ман дигар афсона нест,
Дар дилу ҷонам ғуборе ҷуз ғами ҷонона нест.

Мерамад мурғи сарои мо аз ин вайронсаро,
Ғамгусоре дар паи таъмири ин вайрона нест.

Ҳарфи талхе дорад он лабҳои майгуни шумо,
Таъми талхи бодаҳо ин иллати паймона нест.

Аз калому маънии бегонае бегонаам,
Дар каломам ошноӣ маънии бегона нест.

Ҳар кӣ месӯзад барои хеш аз рӯзи азал,
Шуъларо парво даме аз сӯзиши парвона нест.

Ҳамчу ҳалқа монда умре дар паси дарҳои роз,
Ғофил аз рози дарунӣ ҷо даруни хона нест.

АҚЛИ ПУРТАДБИР

Ҷуз навои сози ту моро яке ҳамроз нест,
Хуштар аз сози хушат дар гӯши мо овоз нест.

Тоза созӣ захми моро, захма бар торе занӣ,
Ё надорӣ сӯзу созе, ё, ки торат соз нест.

Ҳусну қубҳи эътибори мо чӣ меҷӯӣ, ҳабиб,
Сайқали оинаи табъи маро пардоз нест.

Хонавайронам чу бӯ ҳар ҷо , ки меҷунбад насим,
Ғунча механдӣ, гаҳе моро ниёзи ноз нест.

Аз рухи мо бе пару болеи парад ранги ҳаё,
Шавқи болои маро гар ҷуръати парвоз нест.

Баҳри таскини диле ҳарфи маҷозе мезанем,
Ақли пуртадбири моро қудрати эъҷоз нест.

ҒАМИ ҶОНГУДОЗ

Ба адуи худ нагӯям ғами пургудози худро,
Зи Худои худ биҷӯям талабу ниёзи худро.

Чу ҳуруфи айну ғайнӣ, чу шабеҳи Қиблатайнӣ,
Ба кадом қибла хонам ду ракат намози худро.

Зи ғаму зи сӯзу оҳам, зи савобу ҳам гуноҳам,
Ба ту ман дигар нагӯям, дидаам Ҳиҷози худро.

Ба назар ғурур дорам, ба амал ҳалиму зорам,
Ба куҷо равам, ки ҷӯям, маҳи хушмиҷози худро.

Ҳама дарду сӯзу созам, дилу ҷону тан гудозам,
Ки диҳам ба дасти ёре дили ғамнавози худро.

Чу расад шаби сиёҳе, ба хаёли зулфи ёре,
Зи ҳадиси шаб нагӯям ғазали маҷози худро.

ШИФОИ КОМИЛ

Мушкиле дорам, Худоё, гуфтанаш бас мушкил аст,
Гар нагӯям мушкилам, он бор бори ин дил аст.

То биосояд даме бо ман дили девонаам,
Носеҳо, панде диҳӣ, аммо ҳама беҳосил аст.

Гар намедонад табибе дарди бедармони ман,
Бӯсаи лабҳои ту баҳрам шифои комил аст.

Чашми худ пӯшам аз он, ки айби худ пӯшад рақиб,
Дасти худ гирам зи гул, ҷое, ки поям дар гил аст.

Шуъларо парво дигар аз сӯзиши парвона ку?
Дар бало монад касе гар аз худ андак ғофил аст.

Ҳар кӣ ман гӯяд, агар олам ҳама душман шавад,
Манманӣ камтар намо, охир на кори оқил аст.

«Ханда ҳам дору бувад моро табобат мекунад»,[2]
Гар ба ҳоли мо бихандӣ, ҳамчу заҳри қотил аст.

[2] Мазмун аз халқ

ҲАМРОЗИ ДИЛ

Қуфли дилат во нашуд панҷараро боз кун,
Панҷараро во кунӣ, кӯшиши парвоз кун.

Боз шуд амрози дил, роз зи ҳамрози дил
Пеш раву пеши вай рози худ иброз кун.

То даме, ай нозанин, чашми ҳавас сӯи туст,
Пеши ҳасудони худ як дамаке ноз кун.

Рӯй мапӯш, эй нигор, оинаро кун хиҷил
Рӯи чу оинаро сайқалу пардоз кун.

Ҷон бидамӣ бар танам аз дамат Исинафас,
Бӯса бидеҳу даме муъҷиза оғоз кун.

ТЕҒИ ХУНРЕЗ

Умри мо дар ғами рӯи ту ба сар хоҳад рафт,
Гар набинам рухат ин умр ҳадар хоҳад рафт.

Дуди оҳе нашавад гар сипари ҷону тане,
Теғи хунрези ғамат то ба ҷигар хоҳад рафт.

Аз лаби чун шакаре як сухане гӯ, ҳама ҷо
То қиёмат сухан аз шаҳду шакар хоҳад рафт.

Гар набудӣ асаре аз ғами шӯридаи ишқ,
Шодӣ аз замзамаи аҳли башар хоҳад рафт.

Як нафас то нараҳӣ аз қафаси нафсу ҳаё,
Шиква аз бешу ками даври қамар хоҳад рафт.

Гар забардасти замон рафт бурун аз ҳади ӯ,
Ҳар куҷое биравад, зеру забар хоҳад рафт.

Эй, ки аз кина занӣ санги маломат сар ар,
Гар мухотаб ту наӣ, шарҳи дигар хоҳад рафт.

ЛАБИ МАЙГУН

Лаби майгуни ту аз ангубин беҳ,
Гули рухсори ту аз ёсамин беҳ.

Зи теғи абруву аз тири мижгон
Маро дар сояи зулфат камин беҳ.

Зи сӯи Чин вазад сад бӯи офат,
Насими зулфи ту аз атри Чин беҳ.

Наёрам тоб рӯятро битобӣ,
Яқин лутфат аз он сад қаҳру кин беҳ.

Намонам гар ба зери пот сарро,
Ба ин ҷурмам сарам зери замин беҳ.

Канори ҷӯ агарчи нозанин аст,
Канори дилбарони нозанин беҳ.

Маро он беҳ диҳӣ озору озор,
Хазонам аз ғамат, қалбам ҳазин беҳ.

Чу ман дар ишқи ту оворае ку?
Мани девонаро ҳоле чунин беҳ.

ГУФТУГӮИ МУСТАҚИМ

Дар баҳору дар хазоне рангу бӯ дорем мо,
Дар миёни ҷумла ёрон обрӯ дорем мо.

Пеши ғайре ғайрати ғайбат надорад асли мо,
Бо забони шуъла умре гуфтугӯ дорем мо.

Сели ашке меравад аз чашмаи чашмони мо,
Мағзҳоро аз ғаразҳо шустушӯ дорем мо.

То ҳаводоре нахандад, худ ба худ бо оина,
Гуфтугӯи мустақиму рӯ ба рӯ дорем мо.

Ақли мо дузданду умре бе чароғи равшане,
Дар шаби торе адолат ҷустуҷӯ дорем мо.

ИНТИЗОРӢ

Интизорам, гар биоӣ, хору зорам мекушӣ,
Хору зорам гар наоӣ, интизорам мекушӣ.

Омадӣ аз баҳри озори дилам, ай дилрабо,
Сад умеде дар дили умедворам мекушӣ.

То назаргоҳи нигоҳат омадам фарёдрас,
Дар ба дар аз дар бадар дур аз диёрам мекушӣ.

Дарки он дорам мабодо лаҳзае аз гӯри ман,
Гар чу боде бигзарӣ, шамъи мазорам мекушӣ.

Чун намурдам аз ғамат, пеши аҷал шармандаам,
То намирам аз ҳаё, боифтихорам мекушӣ?

Гар ба ғамза, гар ба ханда мекушӣ моро чӣ бок?
Зери борам, зери дорам, зери орам мекушӣ.

Шамъаму дар куштанам теғе маҷӯ, эй дилрабо,
Як нафас кофӣ маро, девонаворам мекушӣ

ҚУВВАИ ҶОЗИБА

Сабзаи армони мо ҷое агар сар мекашад,
Нафси саркаш пои моро сӯи он дар мекашад.

Соқии масти нигоҳи чашми шаҳлои Шумо,
Хуни дил аз дидаам ҳар дам ба соғар мекашад.

Қутби мусбатро кашад манфӣ чу як оҳанрабо,
Қувваи ҷазбаш маро бар сӯи дилбар мекашад.

Бо ҳазорон соҳирӣ шодам, ки наққоши хаёл
Аз будаш акси туро зебову беҳтар мекашад.

Дасти ғам гирад гиребони маро шому саҳар,
Тифли армони дилам домони модар мекашад.

Аз Худо дорӣ умеде, бими тӯфоне макун,
Нохудо чун киштиро то пои бандар мекашад.

Ҳоҷӣ, аз теғи сухан то кай ту мечӯӣ паноҳ?
Беҳаёе бар сарат ҳар гоҳ ханҷар мекашад.

НАЙСАВОРӢ

Ошиқонро шавқи гул гоҳе ба гулшан мекашад,
Мастии ин базми мо то кӯи душман мекашад.

Гарчи дуди оҳи ман то авҷи гардунҳо равад,
Дасти оҳам сурмае бар чашми равзан мекашад.

Нашнавад гӯши гароне нолаву фарёди мо,
Найсаворӣ ноларо то кӯҳу барзан мекашад.

Чашми худ пӯшам зи шарми беҳаёи бадгуҳар,
Теғи урёни нигоҳе бар сари ман мекашад.

Тан чу сӯзан кардаам ман аз фироқи сӯзи ӯ,
Ришгаи ҷони маро аз чашми сӯзан мекашад.

Ҳоҷиё, ранҷе кашӣ аз пастии толеи худ,
Донаи ризқи туро мӯре зи хирман мекашад.

ҚАЛБИ БЕМОР

Дар хазони зиндагӣ ҳусни баҳоре парварам,
Дар сари шӯридаам гоҳе хуморе парварам.

Мекунӣ аз хуни мо ту дасту бозуро нигор,
Дар дили садпорае меҳри нигоре парварам.

Қалби беморам биозорӣ, наозорам туро,
Дар бағал тӯмор не, гӯӣ ту море парварам.

То биосояд дили девонаву шӯридаам,
Дар дилам ишқи нигори ғамгусоре парварам.

Чун ҳисоре баҳри гулҳои канори боғи худ,
Дар сари мижгони худ, гӯйӣ, ки хоре парварам.

Шамъи қалби мо бимирад, гар набошад оташе,
Ҳамчу санге дар дилам ман ҳам шароре парварам.

ДАРДИ БЕЗОРӢ

Дарди безорӣ, фузудӣ дарду озори маро,
Ғам, чаро хораш бисозӣ ёри ғамхори маро?

Кай кунад дасте сарамро сила ғайри шонае?
Абр ҳам гиряд, бубинад чашми хунбори маро.

Ақлу ҳушамро барӣ, афсунгару ғоратгарӣ,
Раҳзано, аз раҳ занӣ ҳар ҷо ҳаводори маро.

Бод осон мебарад гарду ғуборамро зи ҷо,
Кӯҳ аз по мефитад, бардорад ар бори маро.

Оташи қалби маро бо ашки ман созӣ хамӯш,
Мекашӣ бо неши хор аз пои ман хори маро.

Гар ту бошӣ дар барам, аз рашк месӯзад рақиб,
Мекунӣ ёрӣ чаро, эй ёр, ағёри маро?

Ҷомаи номуси худ бо ҷоми май монам гарав,
Мерасад гарди касодӣ моли бозори маро.

Дар паи озори ман гардӣ, набинӣ асли ман,
Ҳар куҷо гардӣ, наёбӣ гарди осори маро.

ДУО

То даме дар мардуми чашми ту ҷо бошад маро,
Не зи чашми мардуми бадгӯ ибо бошад маро.

То сароям дар сароям дарду ғамҳои туро,
Бе ту ҳар улфатсаро кулфатсаро бошад маро.

Чарх мегардӣ сарам, чун чархи саргардони мо,
Дар сарам гӯӣ, ки санги осиё бошад маро.

Сояи пул гар бувад осуда аз сели бало,
Сояи раҳ доимо сели бало бошад маро.

Чун надорад эътиборе ҳуҷҷати меҳри дилам,
Гарчи дастури ҷазо дасти қазо бошад маро.

Мустаҷоб ояд дуоям, шукр андар ҳар намоз,
Ҳар муноҷоту дуо гар бериё бошад маро.

Донаи армони ту хирман шавад, Ҳоҷӣ, манол,
Донаи субҳа паи зикри Худо бошад маро.

ШИКВАИ ТАҚДИР

Шиква аз бераҳмии тақдир натвонист кард,
Ин чунунандешаро таҳқир натвонист кард.

Сарнавишти хеш, оре, кай тавон аз сар навишт,
Номаи аъмоли худ таҳрир натвонист кард.

Нафси саркаш ақли моро бастаи занҷир кард,
Шарм ин девонаро занҷир натвонист кард.

Заррае омад падиду оламе бечора шуд,
Чорае ҳам ақли пуртадбир натвонист кард.

Дасти ҳам гиред, ёрон, меравад ҳастӣ зи даст,
Қабри худро ҳам касе таъмир натвонист кард.

Хоби худ бар об гӯяд бахти хоболуди мо,
«Ҳеҷ кас ин хобро таъбир натвонист кард.»[3]

Кас надонад, Ҳоҷиё, маргат кайу андар куҷост,
Ин муамморо касе тафсир натвонист кард.

[3] Аз Соиби Табрезӣ

ГУМ МЕКУНАМ

Ман туро, эй дилрабо, гар як замон гум мекунам,
Як замон меёбаму аммо забон гум мекунам.

Ҳолиё дидам турову дар ҷаҳонат гум шудам,
Гар туро гум мекунам, ҷону ҷаҳон гум мекунам.

Хешро гум мекунам, ҳар гаҳ, ки пайдоят кунам,
Лаҳзае оям ба худ, шарҳу баён гум мекунам.

Омадӣ, эй ҷони ширин, дар равонам ҷо шудӣ,
Меравӣ аз ман чаро, рӯҳу равон гум мекунам?

Гар туро гум мекунам, гум мекунам ному нишон,
Хешро дар ишқи ту, эй бенишон гум мекунам.

Ақли худ гум мекунам дар ошиқӣ, бе ишқи ту
Ишқро бе ёди ту то ҷовидон гум мекунам.

ДАРДИ САР

Бехабар аз мо равӣ ҳар ҷо, хатар пеш оядат,
Ҳар куҷое по ниҳӣ, сад дарди сар пеш оядат.

Гар бурун оӣ даме ту аз паси дарҳои роз,
Сад балои дигаре дар пушти дар пеш оядат.

Рост гар бошӣ даме, ҳамчу алифе ҳар замон,
Дар китоби зиндагӣ зеру забар пеш оядат.

Сад бало аз сар гузашту бигзарад озори ӯ,
Ҳар хатое кардаӣ, пеши назар, пеш оядат.

Дар дукони умри ту гарди касодӣ гар нишаст,
Кӯҳ агар бошӣ, ҳаме дарди камар пеш оядат.

Шоху баргат шуд хазон, бадтар бувад анҷоми ӯ,
Шохаи хушкидаӣ, захми табар пеш оядат.

Меваи ширин чӣ хоҳӣ, Ҳоҷӣ, аз нахли қалам?
Аз ниҳоли бебаре фикри самар пеш оядат.

ПАРЕШОНГӮ

Мекунад афсонаву афсуни ӯ ҷоду маро,
Мекунад зулфи парешонмӯ парешонгӯ маро.

Аз ҷаҳони бекарон, эй дил, бичӯ гоҳе канор,
Дар канори ҷӯ набошад дилбари дилҷӯ маро.

То бурун аз хона гардам, ҳамчу бод овораам,
Гарчи бод ин дам ба яғмо мебарад ҳар сӯ маро.

Мепарад ранги рухам гар бишканад болу парам,
Мешиносӣ, боғбоно, ҳар куҷо аз бӯ маро.

Турку тозӣ турктозӣ мекунад аз қисматам,
Холи ҳиндуе бисӯзад зинда чун ҳинду маро.

Зеру рӯ созам ҷаҳоне ман аз он рӯ, қисмато,
Рӯ ба рӯ созӣ даме бо довари якрӯ маро.

МЕСӮЗАД

Хонаву бому дарам месӯзад,
Ҳосили хушку тарам месӯзад.

Як даме дар ғами ту месӯзам,
Оламе дар назарам месӯзад.

Шамъи бечора аз он мегиряд,
Чун зи по то ба сарам месӯзад.

Як дам аз ғамза маро месӯзӣ
Эй парӣ, болу парам месӯзад.

Мӯ ба мӯ сӯхта ин осорам,
Гар набинӣ, асарам месӯзад.

Ҳар қадар сӯхт сари болинам,
Шамъ ҳам баъди сарам месӯзад.

Баҳри ту шеъри таре мегӯям,
То бидонӣ, ҷигарам месӯзад.

МАНУ ҒАМҲОИ ТАНҲОӢ

Нест парвое дигар аз бими расвоӣ маро.
Лаб фурӯ бандам, намезебад чу доноӣ маро.

Заррае фарқе надидам дар миёни хоку зар
Зарраро дунё шуморам, ҳайфи биноӣ маро.

Ройгонам додаӣ умре ту ғамҳои фузун,
Гар ту товоне бихоҳӣ, ку тавоноӣ маро.

Сабру тамкинам бирафт, акнун даме бо ман бимон,
Мекушӣ, эй ғам, ту ҳам рӯзе ба танҳоӣ маро.

Ҷон ба лаб омад чӣ сон орам ба лаб номи туро,
Зишт бошад, мекушӣ гарчӣ ба зебоӣ маро.

Медиҳӣ фанде чаро, эй шаҳриёри шаҳри дил,
Медиҳӣ панде биёбонгарди саҳроӣ маро.

Кай бувад бе ёди ту дар сар хаёли зиндагӣ?
Кай бувад бе лутфи ту дар дил шикебоӣ маро?

ДАР ҒАРИБӢ

Дар диёри ёри мо ёрӣ намонд,
Балки дар олам вафодорӣ намонд.

Захми корӣ дарди бекорӣ задӣ,
Кори мо ғайри риёкорӣ намонд.

Монда исмат аз мақоми одамӣ,
Исмате дар хобу бедорӣ намонд.

Ончунон масти шароби ғафлатем,
Рағбати мастиву ҳушёрӣ намонд.

Дар талоши номи хешу нони хеш,
Фурсате аз баҳри дилдорӣ намонд,

Мерасад дарду бало аз чор сӯ,
Чорае бар дарди ночорӣ намонд,

Дар ғарибӣ гар ғурури мо шикаст,
Ифтихоре ҷуз ватандорӣ намонд.

АФСОНАИ ДИЛ

Баҳор омад, биё, ҷононаи дил,
Такон ин гарди ғам аз хонаи дил.

Ғубори кинаро аз дил бишӯем,
Зи ғам холӣ шавад паймонаи дил.

Ба ғорат бурдаӣ ганҷи диламро,
Чӣ меҷӯйӣ аз ин вайронаи дил?

Ба ҷону дил парастуро парастем,
Баҳор ояд ба ҳар кошонаи дил.

Шикаста сад қафас мурғи ҳавасҳо,
Биёяд парзанон бар лонаи дил.

Замину осмон дорад таманно,
Баҳори дил расид, дурдонаи дил.

Зи мӯят шуд дароз афсонаи шаб,
Ба мӯят бофам ин афсонаи дил.



ДУБАЙТИҲО



Ба олам ишқ агар як дам бимирад,
Саросар олам аз мотам бимирад.
Бимирам гар зи ғам, тарсе надорам,
Вале тарсам, бимирам, ғам бимирад.

Давоми умри мо афсӯсу оҳ аст,
Агарчи дар назар якумра роҳ аст.
Гунаҳ бошад агар ишқу муҳаббат,
Ба олам бегунаҳ будан гуноҳ аст.

Гаҳе ёде зи он рӯ мекунам ман,
Сабӯи марги худ бӯ мекунам ман.
Чӣ суд аз хубии рӯи накӯят?
Дилам хун мекунӣ, хӯ мекунам ман.

Бисӯзӣ баҳри коҳе хирманеро,
Зи мо боло шуморӣ душманеро.
Маро арзону бас арзон фурӯшӣ,
Ба сад ман зар наёбӣ чун манеро.

Канори нозанинат чун биҳишт аст,
Ҷаҳон бе рӯи зебои ту зишт аст.
Хато бошад агар ишқи ману ту,
Хатову хуш хато аз сарнавишт аст.

Сабӯи сабр холию сабурам,
Кучо шуд, эй дили девона, шӯрам.
Ба ёди лоларӯ сӯзам, ки эй кош
Чароғи лола сӯзад рӯи гӯрам.

Диламро мебарӣ бо дилнавозӣ,
Ба сӯят омадам бо сарфарозӣ.
Агар бозӣ бувад ишқу муҳаббат,
Гузашт умрам ҳама бозӣ ба бозӣ.

Намепурсӣ марому мақсадамро,
Маломат мекунӣ неку бадамро.
Расида тири ғамҳоят ба ҷонам,
Камонабру, камон кардӣ қадамро.

Сафои олами афсонаам бош!
Балои ҷон шаву ҷононаам бош!
Агар ёрам наӣ, баҳри тасалло,
Таманнои дили девонаам бош!

Фидоят мекунам ҷону танамро,
Намедонам даме чӣ гуфтанамро.
Ба оғӯшам кашӣ, то рӯзи маргам
Ба ҳасрат бӯ кунам пероҳанамро.

Сароям ҳар куҷо васфи париро,
Надидам чун раво фарти хариро.
Ту мадҳи одаме гар менамоӣ,
Сароям ман, вале одамгариро.

Гулӣ, лекин аз ин гулшан набошӣ,
Шарики шодии душман набошӣ.
Чӣ суд аз мову манҳои ману ту,
Ки бо ман бошиву аз ман набошӣ.

Нишоне дар ҷаҳон аз бад намонад,
Сари роҳе дигар як сад намонад.
Миёни ду ҷаҳон то сарҳаде ҳаст,
Миёни мову ту сарҳад намонад.

Дигар парво зи паймоне надорӣ,
Чу дар дил лутфу эҳсоне надорӣ.
Бихонам кофари ишқат, наранҷӣ,
Ба ишқам баски имоне надорӣ.

Намебинӣ дигар неку бади худ,
Гузар кардӣ ту аз ҳад аз ҳади худ.
Ҷаҳонро танг бинӣ, то набинӣ
Баробар бо қади худ марқади худ!

Тилисми ҷодуи ҷононае боз
Барад бар олами афсонае боз.
Аз он хандам, ки мегиряд ба ҳолам
Зи ман девонатар девонае боз.

Набинад мазраи ишқат хазонро,
Ба ғамза куштай ғамдидагонро.
Нишон аз дил, нишон аз ҷон намонад,
Ба тире мезанӣ ҳарду нишонро.

Чу он рӯде, ки дар соҳил нагунҷад,
Ғами ишқат дигар дар дил нагунҷад.
Чунонат дӯст медорам, нигоро,
Ки дар ақли каси оқил нагунҷад.

Ба ҷуз ишқат ғаме дар дил надорам,
Ба ҷуз кӯят дигар манзил надорам.
Намепурсӣ даме аз мушкилам ҳеҷ,
Аз ин мушкилтаре мушкил надорам.

Ба ҷуз ишқат ғаме дар дил набошад,
Дилат аз дарди ман ғофил набошад.
Намепурсӣ дигар дарди диламро,
Аз ин дарде дигар қотил набошад.

Сабо ояд, насими тозааш нест,
Ғами дилро ҳаду андозааш нест.
Намедонӣ, ҳама ганҷи диламро
Ба яғмо бурдай, овазааш нест.

Лаби соҳил чу бӯсад мавҷи гирдоб,
Зи шодӣ мехурад гирдоб сад тоб.
Лаби дарё набӯсам аз лабонат,
Мани лабташна мемирам лаби об.

Шароби макри ишқат нӯш созам,
Ба ҳар ҳарфи фиребат гӯш созам.
Занӣ оташ ба қалби пуршарорам,
Ба оби дидаам хомӯш созам.

Гаҳе сила, гаҳе сил мекунӣ ту,
Фишору сактаи дил мекунӣ ту.
Ба «бисмиллаҳ» қасам хӯрдӣ, ки ёрӣ,
Чу душман лек бисмил мекунӣ ту.

Ба ҷуз ишқат ғаме дар сар набошад,
Ба ҷуз кӯят дари дигар набошад.
Чу нашносӣ маро дар рӯзи сахтӣ,
Аз ин рӯзе дигар бадтар набошад.

Ман аз ту тахти Дороро нахоҳам,
Самарқанду Бухороро нахоҳам.
Бихоҳам ними болини туро ман,
Аз он чизе дигар боло нахоҳам.

Аниси ман нигори хушгиле буд,
Ману ӯро на ғам, на мушкиле буд.
Ба ӯ дил додаму кардам фаромӯш,
Даруни синаи ман ҳам диле буд

Чаман дуздида ҳусни доманатро,
Сабо бо худ барад бӯи танатро.
Чӣ сон гунҷад дар он пероҳани худ,
Тане дар бар кунад пероҳанатро?!

Нанолам аз дили озурдаи худ,
Зи ҳар фанду фиреби хӯрдаи худ.
Ба марги дигарон гирям, чӣ чора,
Намегирям даме дар мурдаи худ.

Агар дастам расад, орам ба чангат,
Бибӯсам аз лабони лоларангат.
Шавад зебо ҳама зиштии дунё
Ба пеши рӯю чашмони қашангат.

Ту рафтӣ, сад бало пушти дарам монд,
Ғами шеъри тарам дар дафтарам монд.
Ба аҳди мо касе бовар надорад,
Аз ин дунё, Худоё, боварам монд.

Ту рафтӣ, сад бало дар манзилам монд,
Ғубори мазраи беҳосилам монд,
Ғами дунё чу доғе дар дилам монд,
Ғами ту дар дилу аз ту дилам монд.

Ту рафтӣ, дар дилам дарду алам монд,
Аламбардори ман танҳо қалам монд.
Ачал гуфто: қадам дониста бигзор,
Миёни мову ту ҳам як қадам монд!

Ту парвои ғами маҳшар надорӣ,
Дигар фикре ба ҷуз аз зар надорӣ,
Чӣ сон аҳди туро бовар кунам ман,
Худоро ҳам агар бовар надорӣ?!

Илоҳо, сӯзи носозӣ намонад,
Миёни мову ту розе намонад.
Зи кулли ҷумла бозиҳои дунё,
Ба ғайри ошиқӣ бозӣ намонад.

Диламро пуралам дидиву рафтӣ,
Ба чашмам ашки ғам дидиву рафтӣ.
Ҷаҳонро пеши чашмам тор кардӣ,
Маро бо чашми кам дидиву рафтӣ.

Шавам махмуру маст аз чашми мастат,
Чу бинам ҷилваҳои қадду бастат.
Надорам шиква аз дасти аҷал ҳеч,
Бимирам ман агар дар рӯи дастат.

Ғами шеъри тарам бӯи ту дорад,
Канору бистарам бӯи ту дорад.
Бизан оташ маро, хокистарам кун,
Бубин, хокистарам бӯи ту дорад.

Ҳама шеъри тарам ёди ту дорад,
Китобу дафтарам ёди ту дорад.
Надорам боварӣ ёдам кунӣ боз,
Дили нобоварам ёди ту дорад.

Раҳи ишқат агарчи бехатар нест,
Дигар роҳи фирору ҳам гузар нест.
Шавад наздик роҳи Каҳкашон ҳам,
Раҳе аз роҳи васлат дуртар нест.

Туро гум мекунам, қалбам шавад реш
Туро меёбаму гум мекунам хеш.
Ту дилро бурдаву ман додаам дил,
Набудаст ошиқӣ аз бозие беш.

Чу дарди ишқи ту дарде дигар нест,
Вафодорат чу ман марде дигар нест.
Гуноҳи ман агар ишқи ту бошад,
Гунаҳкоре чу ман фарде дигар нест.

Ба аҳдам хоҳӣ, ар содиқ бимонам,
Ба шеъру шоирӣ лоиқ бимонам.
Агар хоҳӣ маро созӣ муҷозот,
Дар ин дунё бимон ошиқ бимонам!

Ҳама хушку тарам месӯзад аз нав,
Паёпай пайкарам месӯзад аз нав.
Ғами номеҳрубон хокистарам кард,
Магар хокистарам месӯзад аз нав?

Маро ҳар дам пушаймон мекунӣ, гул,
Яқин, аз худ гурезон мекунӣ, гул.
Ба дил корӣ гаҳе дарду гаҳе ғам,
Диламро киштгардон мекунӣ, гул.

Шавам девонаву мафтунат, эй гул,
Чу бинам қомати мавзунат, эй гул.
Ҷаҳон як дона ҷав арзиш надорад
Ба пеши рӯи гандумгунат, эй гул.

Зи ишқи ту дилам месӯзад, эй гул,
Тамоми ҳосилам месӯзад, эй гул.
Насӯзам ман чӣ сон бар ҳоли худ гаҳ?!
Ба ҳолам қотилам месӯзад, эй гул.

Лаби дарё тамошо мекунӣ, гул,
Зи ҳусни худ таманно мекунӣ, гул.
Дилам дарёи хун асту вале боз
Ду чашмам сели дарё мекунӣ, гул.

Макун асло зи пешат пешам, эй гул,
Намак пошӣ ба қалби решам, эй гул.
Агар ман куштаам ишқи дилатро,
Яқин, қотил ба марги хешам, эй гул.

Туро чун кони зар меҷӯям, эй гул,
Зи ҳар кӯю гузар меҷӯям, эй гул.
Ту аз ман рафтиву қалбам рабудӣ,
Зи қалби худ асар меҷӯям, эй гул.

Хаёли сайри гулшан мекунӣ, гул,
Тавофи кӯи душман мекунӣ, гул.
Ту аз худ рафтаӣ, тарсам, ки фардо,
Зи мо ҳам қасди рафтан мекунӣ, гул.

Дилам сӯзад ҳама ин рӯзу шабҳо
Зи сӯзи бӯсаҳо, аз сӯзи лабҳо.
Надорам тоби он, рӯят битобӣ,
Чӣ донад сӯзи дил бе тобу табҳо?!

Ҷаҳон рангин наю найранги ранг аст,
Ғамат бо шодиям даргири ҷанг аст.
Маро дар хонаи қалбат бидеҳ ҷо,
Бароям ин ҷаҳон бисёр танг аст.

Зи ишқи ёри ҷон сӯзад равонам,
Расида теғи ғам бар устухонам.
Накардам ишқро ҳаргиз гадоӣ,
Агарчи ошиқи бехонумонам.

Накардӣ ёди мо, ёди Худо кун,
Ҳаёти мо хазон кардӣ, ҳаё кун.
Ту ишқ андар дили мо кушта рафтӣ,
Сари гӯраш биё, боре дуо кун.

Дили ман, эй дили бекинаи ман,
Анису ҳамдами деринаи ман.
Бидонам, оламе дар ту бигунҷад,
Ба ҷуз он ғам, ки дорад синаи ман.

Дили ман, эй дили бекинаи ман,
Малулӣ аз ғами деринаи ман.
Намегунҷӣ ту худ дар олами ишқ,
Чӣ сон гунҷӣ дигар дар синаи ман?!

Касе ғам аз дили шоир надорад,
Адаб тоҷ асту он тоҷир надорад.
Раҳи ман ҳам расад бар охири хат,
Ғаму дарди ҷаҳон охир надорад.

Дили ман шиква аз ҷонон надорад,
Гила аз бахти бесомон надорад.
Ғаме, ки хӯрдааст, осон набошад,
Тавони додани товон надорад.

Фидои ишваву нозу адоят,
Дилу ҷонам, дилу ҷонам фидоят.
Зи ҷон серам, зи ҷон серам, валекин
Надорам серие аз бӯсаҳоят.

Дилу ҷонам, дилу ҷонам фидоят,
Фидои ишваву нозу адоят.
Вузӯи чашм з-оби дида бишкаст,
Таяммум мекунам бо хоки поят.

Чу хоре бар дили ранҷидаи ман,
Халад «гулҳои бе ту чидаи ман».
Чӣ суд аз шодии дунёи равшан?
Агар равшан набошад дидаи ман!

Чу гулҳои шукуфони баҳорӣ,
Ба ҷони ман сафои тоза орӣ,
Ту ҷонам гуфта, ҷонамро маёзор,
Ба ҷони худ магар раҳме надорӣ?!

Дилам сӯзад, ки дилсӯзе надорам,
Дигар ишқи дилафрӯзе надорам.
Бикуштам нафсро чун рӯзадорон,
Паи рӯзӣ, вале рӯзе надорам.

Агарчи давлати дунё надорам,
Агарчи нуқраву тилло надорам,
Надорад гар касе парво зи ҳолам,
Аз ин ҳам заррае парво надорам.

Лаби дарё даме танҳо нишинӣ,
Даме бедарду бесавдо нишинӣ.
Чу дарё чашми тар як дам напӯшам,
Ба уммеде ба чашми мо нишинӣ.

Зи дарё шоире, шоиртаре нест,
Чу шеъри ӯ дигар шеъри таре нест.
Ғазалҳои дили девона дорад,
Вале девони ӯ дар дафтаре нест.

Ба ҳаҷми сад ҷаҳон медорамат дӯст,
На, ки бартар зи ҷон медорамат дӯст.
Зи ҷон беҳтар, зи ҷон хуштар чӣ бошад?
Бидон, беҳтар аз он медораматӣ дӯст.

Баду неки ҷаҳонро дидаӣ, дил,
Ғаму дарди замонро дидаӣ, дил.
Гаҳе аз дасти як зумра зиёӣ
Зиё ҷуста зиёнро дидаӣ, дил.

Ту бе гӯру кафан мемирӣ, эй дил,
Ту беҳарфу сухан мемирӣ, эй дил.
Зи дарди манмании мову манҳо
Ту охир мисли ман мемирӣ, эй дил.

Ту бе ному нишон мемирӣ, эй дил,
Зи ҷабри дилбарон мемирӣ, эй дил.
Фиғону сад фиғон аз дасти моҳе,
Чу моҳӣ бефиғон мемирӣ, эй дил!

Бисӯзӣ дар фироқи маҳваше, дил,
Зи барқи як нигоҳи беғаше, дил.
Насӯзам ман агар аз оташи дил,
Намесӯзам дигар дар оташе, дил.

Нагуфтам пеши кас гар аз ғами дил,
Алам дорад дилам дар олами дил.
Даруни хонаи чашмам ниҳонӣ
Ҳарам созам барои маҳрами дил.

Замони марги мо дерӣ надорад,
Аҷал тадбиру таъхире надорад.
Яке аз ҷони худ серу дигар кас
Зи хоки гӯр ҳам серӣ надорад.

Туро дар дил ғами бешу камат нест,
Сифоти одамӣ дар оламат нест.
Ғами мардум хурам гӯӣ ту умре,
Ҳақи мардум хурӣ умре, ғамат нест.

Ҷаҳонеро дилоро мекунӣ, ишқ,
Гадоеро ту доро мекунӣ, ишқ.
Тавони додани товон надорам,
Мадорам ку, мадоро мекунӣ, ишқ.

Гузар кардам ҳама кӯҳу даманро,
Гузаштам ман ҳама марзи чаманро.
Надонистам, фақат дар сарҳади марг
Намепурсад касе сарҳадшиканро.

Надонӣ шуҳратат, овоза созанд,
Сипас, номат зи хотир тоза созанд.
Чу нашносӣ ҳаду андозаи худ,
Кафанро бо қадат андоза созанд.

Ғаму ваҳми аҷал дар сина дорам,
Аҷал аз ман, ман аз ӯ кина дорам.
Аҷал аз ман, ман аз ӯ мегурезам,
Ба ғайр аз зистан чора надорам.

Саманди зиндагӣ гар зери зин аст,
Аҷал чобуксавор андар камин аст.
Чӣ фарқе зинсавору ҳам пиёда?
Ҳама овораи рӯи замин аст.

Шабе таркат кунам, рӯзам сиёҳ аст,
Напурсам ҳоли ту, ҳолам табоҳ аст.
Гунаҳпӯшӣ гуноҳ асту валекин
Гунаҳҳои туро гуфтан гуноҳ аст.

Ҳазорон қаср гар барпо бисозӣ,
Ки то як ҳамдиле пайдо бисозӣ,
Нагардад ҳамдилу ҳамбистари ту,
Зи тило дилбари зебо бисозӣ.

Сарамро то сари дори ту бурдам,
Зи ғамҳову аламҳои ту мурдам.
Фиребе хӯрдаам, ҷоно, биҳил кун,
Бубахшоям, ки ғамҳои ту хӯрдам.

Пас аз мо ошиқи шайдо наояд,
Дигар Одам, дигар Ҳавво наояд.
Чу Одам дид, дунё бевафо аст,
Дигар асло ба ин дунё наояд.

Равад аз дил ҳама исёну шӯрат,
Суруру мастиву кибру ғурурат.
Ба рӯи сабзае по мегузорӣ,
Бирӯяд як замон дар рӯи гӯрат.

Мабодо аз ғамат ғофил бимирам,
Мабодо доғи ту дар дил бимирам.
Лаби дарё набӯсам аз лабонат,
Мани лабташна дар соҳил бимирам

Чаро, шайтон, ҳама мо душмани ту?
Мудом ин дасти мо бар домани ту.
Гуноҳи ду ҷаҳон дар гардани мо,
Гуноҳи мо ҳама дар гардани ту.

Ту бо ман як нафас будиву рафтӣ,
Ҳавас будӣ, абас будиву рафтӣ.
Зи дунёи ҳавасҳои дили ман
Ту ҳам як булҳавас будиву рафтӣ.

Баҳори гулфишон бӯи ту орад,
Хумори дидани рӯи ту орад.
Магар ишқат бувад оҳанрабое,
Ба ҳар сӯе равам, сӯи ту орад.

Хабар аз олами баҳру барам нест,
Хабар аз сӯзиши хушку тарам нест.
Зи хоки тар бувад обу гили ман,
Зи ғам месӯзаму хокистарам нест.

Аниси хушгили хушҷақчақам нест,
Рақиби бадзабони аҳмақам нест.
Ҳақамро мехурӣ гарчи, ғамат нест,
Ғаме, ки мехурам, ҳаргиз ҳақам нест.

Баҳори гулфишони мо хазон гашт,
Ҷавонӣ рафту аз мо бенишон гашт.
Қазо тире бизад бар синаи мо,
Қади чун тири мо мисли камон гашт.

Гуле дидӣ, дигар гулшан наҷустӣ,
Шароре дидиву гулхан наҷустӣ,
Вабои манманӣ бар ту асар кард,
Асар аз ман, асар аз ман наҷустӣ.

Вазад боди мурод аз сӯи кӯят,
Шавам махмуру маст аз бӯи мӯят.
Кунам тарки намози ишқ умре,
Набошад қиблаам рӯи накӯят.

Зи банди маҳбасу зиндон гурезам,
Зи макру ҳиллаи шайтон гурезам.
Мадад бар ман бикун, қисмат, ту боре,
Ки аз дасти ту ҳам осон гурезам.

Чу пирӣ дарди ман дармон надорад,
Сари шӯридаам сомон надорад.
Ба поён мерасад умри азизам,
Ғаму дарди ҷаҳон поён надорад.

Ту бонуи дилу дил хонаи ту,
Маро афсун кунад афсонаи ту.
Чу девони маро хонӣ ба девон,
Шавад девон ҳама девонаи ту.

Лаби дарё биё шому пагоҳӣ,
Ба шоҳӣ бигзарад умрат, ба шоҳӣ,
Ба рағми душману амри илоҳӣ,
Туро хоҳам, гулам, хоҳӣ, нахоҳӣ.

Дилам шуд резаву дилрезааш нест,
Ҳамон шӯру ҳамон ангезааш нест,
Дилам вайронашаҳру ишқ мамнӯъст,
Шиору парчаму овезааш нест.

Лаби дарё биоӣ ханда бар лаб,
Нишинам интизорат то дили шаб.
Бисӯзам аз табу рӯят битобӣ,
Худовандо, надорам тоби ин таб.

Ғами ман, душмани ман, қотили ман,
Гиреҳи риштаи ҳар мушкили ман.
Илоҳо, хонаат, ҳар дам бисӯзад,
Агарчи хона дорӣ дар дили ман.

МУНДАРИҶА

Тоҷикистони ман 3
Чашми маст 4
Дарди дил 5
Машқи тазмин 6
Тақвими куҳан 7
Шоири соҳибдил 8
Ҳарфи нотамом 9
Дар танҳоӣ 10
Меояд ба ёд 11
Аз ту рафтам 12
Савдо бигзарад 13
Қурбони нигор 14
Ба нигор 15
Туро хоҳам 16
Ёди ту 17
Қисмати мо 18
Ишқи захмин 19
Ташнаи ишқ 20
Захми сухан 21
Ишқи пок 22
Қимори зиндагӣ 23
Шиква 24
Хушам меояд 25
Набард 26
Аз ғами ишқ 27
Аз ман марав 28
Ёри бепарвои ман 29
Тазодҳои зиндагӣ 30

Таскин 31
Муноҷот 32
Рози ҷаҳон 33
Дузди боинсоф 34
Омадаӣ 35
Намегунҷам 36
Ману дил 37
Чеҳраи гулгун 38
Хуш аст 39
Аз сари мо бигзарад 40
Шиори ишқ 41
Интизорӣ 42
Бигзор, бимирам 43
Биё, хона нишин 44
Шиква аз ёр 45
Хайрхоҳӣ 46
Парвонаҳӯ 47
Сарнавишт 48
Маро кушт 49
Ҳамдил шавем 50
Гул кунад 51
Пунбаи ғафлат 52
Нағмаи ноҷӯр 53
Нӯшбод 54
Шуъла 55
Тоати ҷонона 56
Кош бошам 57
Забунӣ 58
Хирмани ишқ 59
Ҷӯяд маро 60

Дигар кунем 61
Ниҳоли сабзи бовар 62
Акси вопасин 63
Захми носур 64
Олами афсона 65
Умри абас 66
Дасти ту 67
Сафои хона 68
Ҳангома 69
Намози бениёзӣ 70
Хунбаҳо 71
Сӯзи ишқ 72
Намози ишқ 73
Тири нигоҳ 74
Чашми кофар 75
Чашми оташин 76
Кӯлбори гардун 77
Атри кафан 78
Дили девона 79
Марги иҷборӣ 80
Хорат кунад 81
Бигристам 82
Ёди айём 83
Зиннати гулзор 84
Қисаи маҷнун 85
Ақли пуртадбир 86
Ғами ҷонгудоз 87
Шифои комил 88
Ҳамрози дил 89
Теғи хунрез 90

Лаби майгун 91
Гуфтугӯи мустақим 92
Интизорӣ 93
Қувваи ҷозиба 94
Найсаворӣ 95
Қалби бемор 96
Дарди безорӣ 97
Дуо 98
Шикваи тақдир 99
Гум мекунам 100
Дарди сар 101
Парешонгӯ 102
Месӯзад 103
Ману ғамҳои танҳоӣ 104
Дар ғарибӣ 105
Афсонаи дил 106
Дубайтиҳо 107

САД ҒАЗАЛ ВА САД ДУБАЙТӢ
(Маҷмӯаи шеър)

Ба чоп 00.00.2021 имзо шуд.
Андозаи 60Х84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 8.
Адади нашр 0.